ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД с. 8

НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО ЗИЁД МЕШАВАД с. 5

МАРГИ 17 НАФАР ДАР ҲАВОДИСИ СЎХТОР с. 3

ТОҶИКИСТОН

№48 (1661), 26.11.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

ВА СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2025



ДАР ИН ШУМОРА:

ИМТИЁЗИ ҲУКУМАТ
Роҳи Ворухро кӣ месозад? с.5

НИГАРОНӢ
аз сифати интернет с.6

ҚОБИЛҶОН ХУШВАХТЗОДА
Мақоми нави Президенти АМИТ с.8

ТАРҲИ СУЛҲ
Вокуниши Путину Зеленский ба пешниҳоди Трамп с.4

НИГАРОНӢ
Нархи гази моеъ боло рафт с.7

МУҲОҶИРАТ
Маҳдудияти нав дар Санкт-Петербург с.3

КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО
Нашри ёдномаи нависандаи маҳбуб с.13

НУРУЛЛО АЛИЕВ
Пирӯзии «ӯқоби тоҷик» дар UFC с.12

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

СЕБИСТОН-2018 — ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.

› Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.

› Сохтмон 3 сол идома меёбад.

› Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

ВА СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2025

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсати мутавозин, бисёрсамта, санҷидашуда ва муваффақ арзёбӣ менамоянд, ки Тоҷикистон бо истифода аз ин усули пешбурди сиёсати хориҷӣ борҳо комёб шудааст.

Таҳлили фаъолияти пурсамари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти сиёсати хориҷӣ дар давоми соли 2025 нишон медиҳад, ки дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таърихӣ, моҳияти сиёсию амниятӣ, илмию фарҳангӣ, тиҷоратию иқтисодӣ доштанд. Дар ин раванд масоили таъмини амнияти давлатӣ, ҳимояи манфитҳои миллӣ, масоили соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ ва дигар манфитҳои миллии давлатдории муосири мамлакатро бо кишварҳои дигар баррасӣ ва ҳимоя намуданд, ки ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аз таҷрибаи ғании сарвари сиёсии кишвар барои ҳалу фасли масоили болозикр ифтихор менамоянд.

Дар давоми соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба ҳамчун яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии мамлакат ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва фазои ИДМ, минтақаи Ховари Миёна, Россия, Чин ва ИМА сафари корию расмӣ анҷом дода, дар нишасту вохӯриҳои сатҳи олӣ иштирок намуда, бо мавқеъгирӣ аз сиёсати хориҷии кишвар суханронӣ карда, бастаи санадҳои зиёди ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба ва бисёрҷониба ба имзо расониданд.

Илова бар ин, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми соли 2025 як қатор президентҳо ва дигар ҳайатҳои расмии кишварҳои хориҷиро, ки бо сафарҳои корию расмӣ ва давлатӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд, ба ҳузур пазируфта, масоили ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба ва бисёрҷонибаро мавриди баррасӣ қарор дода, мушкилоти ҷойдоштаро баррасӣ ва ҳал намуданд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои сиёсати хориҷии кишвар дар соли 2025 маҳз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидани "Шартнома миёни Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар" ва "Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ" буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки Тоҷикистон ҳамчун маркази дӯстӣ ва муттаҳидии кишварҳои минтақа ба ҳисоб рафта, барои сулҳу субот ва рушди устувори минтақа нақши калидӣ дорад.

Дар соли 2025 ҳайати доварӣ ӣмзои созишномаҳои мазкурро ҳамчун дастоварди муҳим арзёбӣ намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барандаи Ҷоизаи байналмилалии сулҳ ба номи Лев Толстой эълон намуд. Сарфароз шудани Пешвои миллат бо Ҷоизаи байналмилалии сулҳ ба номи Лев Толстой барои Тоҷикистон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ муҳимияти хосса дорад.

Бояд қайд намуд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми соли 2025 дар чаҳорчӯби дипломатияи бисёрҷонибаи Тоҷикистон ба хориҷи кишвар сафар намуда, дар ҷаласаи Маҷмаи умумии СММ иштирок ва суханронӣ намуданд. Ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии СММ дар бораи эълони "Даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда" ҳамчун идомаи талошҳои созандаи кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ муайян карда шуд. Илова бар ин, дар соли ҷорӣ президенти кишвар дар як қатор конфронсҳои байналмилалии СММ, ки кишварҳои аъзои он доир ба мавзуҳои муҳими мушаххас доир намуданд, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар соли ҷорӣ Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саммитҳои саронии давлатҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони кишварҳои исломӣ, инчунин дар саммитҳои саронии кишварҳои аъзои қолабҳои дипломатии С5+1 (Чин), С5+1 (Италия), С5+1 (Иттиҳоди Аврупо) иштирок ва бо суханронии пурмуҳтаво баромад намуданд.

Масалан, 1-уми сентябри соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун платформаи муваффақ ва бонуфуз барои ҳамкории бисёрҷониба, ки дар шаҳри Тиенҷини Чин доир гардид, иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар доираи ин саммит 15 санади нави ҳамкорӣ, аз ҷумла созишнома дар бораи таъсиси Маркази зиддимухаддиротии СҲШ дар Душанбе ба имзо расид, ки яке аз дастовардҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2025 ба ҳисоб меравад.

Созишномае, ки дар бораи таъсиси Маркази зиддимухаддиротии СҲШ ба имзо расид, яке аз ташаббусҳои бевоситаи президенти кишвар буда, аз соли 2006 инҷониб ҷиҳати баррасӣ пешбарӣ шуда буд, ки аз ҷониби роҳбарони кишварҳои аъзои СҲШ якдилона қабул гардид ва он барои ҷонибҳо дурнамои нави ҳамкориро дар ин самт фароҳам меорад.

Илова бар ин, дар доираи дипломатияи бисёрҷониба 10-уми октябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе Шурои саронии давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, ки ба марҳилаи нави ҳамкориҳо ва тавсеаи ниҳодҳои он мусоидат намуд.

(Давомаш дар саҳ. 5)

ИМТИЁЗИ ҲУКУМАТ БАРОИ СОХТАНИ РОҲИ ВОРУХ



Ҳукумати Тоҷикистон барои сохтани роҳи “Хоҷаи Аъло-Ворух” ва обод кардани чорроҳаи "Исфара-Ворух-Раззоқов" имтиёз ё сабукӣ пешниҳод кардааст.

Дар лоиҳаи қонуни буҷаи соли 2026, ки Вазорати молияи Тоҷикистон нашр кардааст, ин ду роҳ "иншооти махсусан муҳим" зикр шудаанд.

Бар асоси лоиҳаи қонуни буҷа, фармоишгар ва паймонкор (иҷрокунанда)-и сохтмони роҳи "Хоҷаи Аъло-Ворух" ва навсозии чорроҳаи "Исфара-Ворух ва Ош-Раззоқов" аз пардохти нисфи молиёт (андоз) аз арзиши иловашуда (НДС) ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ озод мешаванд.

Ҳамчунин ворид кардани молу маҳсулот барои сохтани ин ду роҳ пурра аз боҷи гумрукӣ озод буда, фақат нисфи молиёт аз арзиши иловашударо месупоранд.

Мақомот то ҳол нагуфтаанд, ки сохтмони роҳи нави "Хоҷаи Аъло-Ворух" ва навсозии чорроҳаи "Исфара-Раззоқов" кай оғоз мешавад.

Музаффар Носирзода, сардори Идораи роҳҳои мошингарди вилояти Суғд моҳи августи имсол гуфт, ки барои бунёди роҳи алтернативии Ворух бо Қирғизистон ба созиш расидаанд ва сохтмонаш ба зудӣ оғоз хоҳад ёфт.

Ба гуфтаи Носирзода, барои сохтани роҳ ба Ворух лоиҳае тартиб додаанд, ки арзиши он 255 миллион сомонӣ аст. "Намояндагони ширкатҳои чинӣ, туркӣ ва эрониро ба онҷо бурдем, масоҳати дарёро танг карда, ба болояш бетон мекунем ва роҳи нав месозем. Барои рафтуомади бемалол",- гуфта буд намояндаи идораи роҳсозии Суғд.



МАҲДУДИЯТИ НАВ БА МУҲОҶИРОН ДАР САНКТ-ПЕТЕРБУРГ

Дар шаҳри Санкт-Петербург - дуюмин шаҳри калонтарини Русия маҳдудияти кор кардани муҳоҷирон дар бахши бурдарасонӣ ё курйер эътибор пайдо кард.

Сар аз 22-юми ноябр хориҷиёне, ки иҷозаи кор ё патент ҳам доранд, дигар наметавонанд дар бахши хидматрасонии курйерӣ кор кунанд.

Бар асоси қарори волии Санкт-Петербург, ки моҳи август ба имзо расид, расонидани ғизо ва тамоми намуди молу коло барои муҳоҷирон манъ аст.

Мақомоти Санкт-Петербург ҳадаф аз қабули ин қарорро "мубориза бо кори пинҳонӣ, беҳтар кардани ҳадамот дар бахши колорасонӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандони Русия, пеш аз ҳама ҷавонон ва донишҷӯён" гуфтаанд.

Расонидани молу коло ё курйер як кори даромаднок барои муҳоҷирон гуфта мешуд. Ба гуфтаи ширкатҳои хидматрасонии курйерӣ, Санкт-Петербург ба шаҳре табдил меёфт, ки курйерҳои он дар Русия назар ба ҳамкоронашон дар дигар шаҳрҳо "пули аз ҳама бештар мегирифтанд".

Дар ҳамин ҳол, ба навиштаи "Фонтанка", дар рӯзи аввали маҳдудият нархи бурдарасонӣ дар баъзе минтақаҳои Санкт-Петербург беш аз 40 дарсад афзоиш ёфтааст.

Пеш аз ин ҳукумати Санкт-Петербург аз 8-уми ноябри имсол шаҳрвандони хориҷиро аз ҳаққи рондани таксӣ маҳрум кард. Бар асоси ин қарор, ҳоло ҳазорон муҳоҷир, бахусус аз Тоҷикистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Молдова ва Украина бекор мондаанд.

Мақомоти Русия дар солҳои ахир маҳдудиятҳо барои муҳоҷирони кориро бештар карда, кор кардани шаҳрвандони хориҷиро дар чандин соҳаҳо манъ кардаанд.

МАРГИ 17 НАФАР ДАР ҲАВОДИСИ СӮХТОР

Дар пайи 985 ҳодисаи сӯхтор дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 17 нафар ҷони худро аз даст дода, ба амволи давлатӣ ва шахсии шаҳрвандон 23 миллиону 360 ҳазор сомонӣ зарар расидааст. Дар ин бора аз Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД хабар медиҳанд.

Ба гуфтаи манбаъ, ҳодисаҳои оташсӯзӣ имсол дар кишвар афзоиш ёфта, назар ба 9 моҳи соли гузашта 132 ҳолати сӯхтор бештар ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамчунин, манбаъ илова кардааст, ки дар нуҳ моҳи соли равон кормандони оташнишонӣ ба маблағи 684 миллиону 677 ҳазор сомонӣ молу мулки мардумро аз сӯхтор наҷот додаанд.

Ҳамасола садҳо ҳодисаи сӯхтор дар бинову иншооти давлативу хусусӣ, бозорҳо ва марказҳои хидматрасониву савдо рух медиҳад, ки молу мулки давлативу хусусиро ба коми худ мекашад.

ШИКОРИ ҚОЧОҚБАРОН БО ДРОН

Ба иттилои Кумитаи давлати амнияти миллии Тоҷикистон, бори аввал як гурӯҳи қочоқбар аз Афғонистонро бо истифода аз паҳбоди (дрон) сохти ватанӣ шиносоӣ ва нобуд кардаанд.

Гуфта мешавад, ки ҳафт нафар кочоқбар пас аз убури марзи Афғонистон бо Тоҷикистон мавриди ҳамла қарор гирифтаанд. Ҳодиса шаби 20-уми ноябр дар марзи ноҳияи Ҳамадонӣ бо Афғонистон рух додааст. Ва субҳи он рӯз ҷасади ду тан аз қочоқбарон пайдо карда шудааст. Аз онҳо Шероғо валади Аввалмир ва Ҷумъагул валади Ҳаким, зодагони вулусволии Даркади вилояти Тахори Афғонистон ном бурда мешавад. Ба таъкиди мақомоти КДАМ, дар ин маҳал “116 бастаи маводи мухаддир дар панҷ халта дарёфт ва мусодира шудааст”.

САРИ САБЗ



Зебо НУРОВА, сарояндаи тоҷик

- Имрӯз, мутаассифона, сарояндагони ҷавон бештар ба зоҳири худ ва ритми суруд диққат медиҳанд, на ба маъно. Баъзан ин ҳолат маро ғамгин мекунад, аммо асабӣ не, зеро бовар дорам, ки санъати ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад. Шунавандаи зирак ҳамеша суруди пурмаъниро мешиносад.

- Ҳо, воқеан ҳамин тавр аст, ки мегӯед. Аммо қисми зиёди одамон, баръакси шумо, аз ҳолати нохушоянди сарояндагони ҷавон ҳам ғамгин мешаванд, ҳам асабӣ.



Баҳманёр МУЯССАРЗОДА, шоири ҷавони тоҷик

- Имрӯзҳо миёни қишри бузургсол ақидае ба вуҷуд омадааст, ки гӯё мо - ҷавонон китоб намехонем ва насли китобхон бо ҷавонии онҳо ба хатм расидааст... Имрӯзҳо ... шоҳид мегардем, ки даҳҳо нафар дар утоқи хониш машғули мутолиа ҳастанд ё чанд китоб дар бағал аз он берун мераванд.

- Ҳаҳаҳаҳ, парво накунед, гузашти давр ҳамаро ҷобаҷо мегузорад. Чанд сол пас мо ҳам аз китобҳои бағаламон ёдовар шудаву ақидаи ҳозира қишри бузургсолро такрор мекунем.



Дилором ДАДАБОЕВА, акушер-гинеколог ва эҷодкор

- Бароям бисёр гуворо аст, ки як порчаи рӯҳи ман ва меҳнати ман дар ҳар маснуоте ҳаст, ки одамон аз ман харидорӣ мекунанд. Ҳар касе, ки аз ман чизе фармоиш медиҳад, танҳо мизоҷ нест, ӯ барои ман як инсони ба дилам наздик аст. Чун қисме аз манро дар хонаи худ ҷой медиҳад.

- Аммо онҳое, ки аз шумо маснуот харидорӣ кардаанд, оё боре ба ёд меоварда бошанд, ки қисме аз шуморо бо худ бурдаанд? Ё дар фикранд, ки қисме аз худ, яъне маблағашонро аз даст додаанд?

Ҳабси писари президент

Дар Қирғизистон дах нафарро бо гумони омодагӣ ба ташкили бетартибиҳои оммавӣ боздошт кардаанд, ки дар миёни онҳо писари раисҷумҳури собиқ Алмосбек Отамбоев - Қодирбек ва чанде аз шарикони ӯ низ ҳастанд.



Ба гуфтаи муфаттишон, “боздоштшудаҳо ният доштанд пас аз эълони натиҷаҳои интихобот аввал дар ҷануб ва сипас дар шаҳри Бишкеку минтақаҳои дигари Қирғизистон як силсила гирдиҳамоиро ташкил кунанд”.

“Нақшаи онҳо мусодираи эҳтимолии биноҳои маъмурӣ, шабакаҳои телевизионӣ, иншооти неруҳои амниятӣ, аслиҳа ва муассисаҳои ислоҳиро дар бар мегирифт”,- гуфта шудааст дар баёнияи расмӣ.

Ба иттилои мақомот, неруҳои амниятии Қирғизистон ҳангоми кофтукоб аз гумонбарон “силоҳу муҳимоти ҷангӣ, норинҷак, васоили иртиботот, нақшаи чорабиниҳо, маводи мухаддир ва 150 ҳазор доллар пули нақд”-ро мусодира кардаанд.

Қатли яке аз роҳбарони “Ҳизбуллоҳ”

Дар ҳамлаи ҳавоии неруҳои Исроил ба минтақаи ҷанубии шаҳри Бейрут Ҳайсам Алӣ Таботабоӣ, раиси Ситоди гурӯҳи “Ҳизбуллоҳ”-и Лубнон кушта шудааст.



Ба гузориши расонаҳои Лубнон, Таботабоӣ, ки бо номи Саид Абуалӣ маъруф буд, соли 1968 аз падари эронӣ ва модари лубнонӣ дар Бейрут ба дунё омадааст. Ӯ замоне фармондеҳи воҳиди “Ризвон”, неруҳои нухбаи “Ҳизбуллоҳ” буд ва пас аз он Таботабоӣ ба унвони нафари дувуми ин гурӯҳ пас аз Наим Қосим шинохта мешуд.

Ҳамлаи маргбори Исроил ба Бейрут рӯзи 23-юми ноябр анҷом шуда, дар пайи он, ба иттилои Вазорати беҳдошти Лубнон, дастикам 5 нафар кушта ва ҳудуди 30 тани дигар мачруҳ шудаанд.

Дафтари нахуствазири Исроил эълон кард, ки Бенямин Нетаняҳу шахсан дастури ҳамлаи ҳавоӣ ба Лубнонро содир кардааст.



ДАРГУЗАШТИ УСОМА АЛ ШАЪФАР ДАР СУҒД



Усома ал Шаъфар, роҳбари Конфедератсияи дучархасаворони Осиё дар як садамаи нақлиётӣ дар вилояти Суғди Тоҷикистон ҳалок шудааст. Ҳодиса шаби 19 ба 20-уми ноябр дар ҳудуди деҳаи Сомғори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров рух додааст.

Усома ал Шаъфари 50-сола аз тоҷирони сарватманд ва шахрванди Амороти Муттаҳидаи Араб буд.


Усома ал Шаъфар ронандагӣ мекардааст ва ду ҳамроҳи дигараш захмӣ шудаанд. Ин ду нафар низ шахрвандони Амороти Муттаҳидаи Араб ҳастанд. Гуфта мешавад, ки Ал Шаъфар баъди истироҳат дар бӯстонсарое дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд барои як ҳамоиш ба дигар ҷой мерафт, ки ба садама дучор шуд.

Шоҳине, ки Ал Шаъфар бо худ доштааст, дар ин ҳодиса талаф шудааст. Сабабҳои фалокат ҳанӯз маълум нест. Мақомоти Тоҷикистон ин ҳодисаро шарҳ надодаанд.

Усома ал Шаъфар, тоҷир аз Амороти Муттаҳидаи Араб қаблан раиси Федератсияи дучархасаворони ин кишвар буд. Ӯ аз соли 2021 раиси Конфедератсияи велосипедронии Осиё ва ҳамзамон ноиби президенти Иттиҳодияи дучархасаворони байналмилалӣ (UCI) буд.

KABAR

Хабаргузории “Рейтерз” мегӯяд, Амрико ба Владимир Зеленский, президенти Украина гуфтааст, ки Киев бояд чорчӯби таҳияшуда аз сӯи Вашингтон барои поёни ҷанг бо Русияро бипазирад. Бар асоси ин пешниҳод Украина бахше аз қаламрав ва баъзе аслиҳаи худро бояд вогузор кунад.



«БАХШЕ АЗ ҚАЛАМРАВИ ХУДРО ДИҲЕД»

“Тарҳи сулҳ”-и Трамп ва вокуниши Путину Зеленский

“Рейтерз” гузориши худро ба нақл аз “ду манбаи огоҳ” нашр кардааст, ки бинобар ҳассосияти мавзуъ, хостаанд номашон пинҳон монад. Онҳо гуфтаанд, ки ин пешниҳодҳо шомили коҳиши андозаи неруҳои мусаллаҳи Украина ва мавридҳои дигар аст ва Вашингтон мехоҳад Киев нуқтаҳои аслиро бипазирад.

Владимир Зеленский дар як изҳороти видеоии худ ба мардуми Украина гуфт, ки тарҳи нави сулҳи пешниҳоднамудаи ИМА яке аз лаҳзаҳои аз ҳама вазнини таърихи муосири Украина гардид. Ӯ афзуд, кишвараш байни ҳифзи шараф ва хатари аз даст додани шарики калидӣ, инчунин байни иҷрои шартҳои душвор ва зимистони сангин, ки метавонад душвортарини давраи ҷанг гардад, қарор гирифтааст.

“Украина метавонад дар назди интихоби хеле мушкил қарор гирад: ё аз даст додани шараф ё хатари аз даст додани шарики калидӣ.

Ё 28 банди душвор ё зимистони ниҳоят сангин ва хатари минбаъда. Зиндагии бидуни озодӣ, шараф ва адолат - ва мо бояд ба касе бовар кунем, ки ду бор ҳамла кардааст”,- гуфтааст Владимир Зеленский.

Ӯ таъкид кардааст, ки Киев ба шартҳое, ки шарафи кишварро поймол мекунанд, розӣ намешавад ва ба тарҳи амрикоӣ нақшаи алтернативӣ пешниҳод хоҳад кард.

Хабаргузории “Франс-пресс” навишт, ки Кремл аз изҳори назар дар бораи гузориши ин расонаҳои амрикоӣ низ худдорӣ кардааст.

Шабакаи CNN ҳам рӯзи 18-уми ноябр ба нақл аз манбаъҳои огоҳ гузориш дод, ки Стив Виткофф, фиристодаи вижаи Амрико масъули кор бар рӯи тарҳи нав барои ҳалли бухрони Украина аст.

Рӯзи 21-уми ноябр хабаргузории “Axios” маводи “тарҳи Трамп оид ба танзими низои Украина ва Русия”-ро, ки аз 28 банд иборат аст, нашр кард.

Ба иттилои манбаъҳои Кохи Сафед, айнан ҳамин маҷмӯи пешниҳодҳо барои баррасӣ ба ҷониби Украина ва Русия пешниҳод шудааст. Ҳуҷҷат аз ҷумла аз даст кашидани Украина аз пайвастан ба НАТО, коҳиши шумораи Қувваҳои Мусаллаҳи он то 600 ҳазор нафар ва баргузории интихобот дар муддати сад рӯз пас аз ба даст овардани созишро пешбинӣ мекунад.

Қрим, инчунин қаламравҳои Луҳанск ва Донетск ҳамчун қаламрави Русия эътироф карда мешаванд.

Ғайр аз ин, тарҳ бастани созишномаи васеи миёни Русия, Украина ва кишварҳои аврупоиро пешбинӣ мекунад ва ба Киев кафолатҳои амниятӣ медиҳад.

Бахши алоҳида ба барқарорсозии Украина бахшида шудааст. Барои ин, пешниҳод шудааст, ки 100 миллиард доллар аз дороиҳои мусодиранашудаи Русия, ки таҳти идораи ИМА аст, равона карда шавад ва кишварҳои аврупоӣ бояд 100 миллиард доллари дигар илова кунанд.

Қисми боқимондаи дороиҳо, мувофиқи ҳуҷҷат, ба фонди сармоягузории амрикоиву русӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар бахшҳои гуногуни иқтисод равона хоҳад шуд.

Ҳамчунин ба Русия пешниҳод мешавад, ки ба формати G8 баргардад ва таҳримҳо алайҳи Маскав бояд мувофиқи ҷадвали мувофиқашуда тадриҷан бекор карда шаванд.

Илова бар ин, манбаъҳо мегӯянд, ки ҳуҷҷат банде дар бораи авф ё бахшиши пурраи ҳамаи иштирокчиёни низоъ ва даст кашидан аз ҳама гуна даъвоҳо ва баррасии минбаъдаро дар бар мегирад.

Ин тарҳ то ҳол ба таври расмӣ нашр нашудааст.

Ин гузоришҳо дар ҳолест, ки Русия ахиран шабакаи энержии Украинаро дар остонаи зимистон ҳадаф қарор дода, неруҳои хастаи украинӣ низ дар хати пеши ҷанг зери фишоранд.

Умеди аслии Киев ин аст, ки Вашингтон бо чорӣ кардани таҳримҳо битавонад Русияро сари мизи гуфтушунид кашонад.



МАҚОМИ НАВИ ҚОБИЛҶОН ХУШВАХТЗОДА

Дар ҷараёни Анҷумани умумии аввалини Академияи илмҳои Осиё (AASc), ки дар шаҳри Гонконги Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ба ҳайси ноиби президент ва академики Академияи илмҳои Осиё интихоб гардид.

Дар ин бора аз Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон хабар медиҳанд. “Интихоби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт дар мақоми роҳбарикунанда дар Академияи илмҳои Осиё имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои илмӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои Осиё, инчунин барномаҳои муштараки тадқиқотӣ ва таҳқиқотҳои стратегии илмӣ густариш ёбанд”,- хабар медиҳанд аз АМИТ.

Гуфта мешавад, ки Анҷумани умумии аввалини Академияи илмҳои Осиё (AASc) бо иштироки 121 вакил аз кишварҳои гуногун, аз ҷумла: Чин, Русия (бо намояндагӣ аз Ҷумҳурии Тотористон, Ҷумҳурии Чечен, Ҷумҳурии Доғистон ва Ҷумҳурии Бошқирдистон), Ҳиндустон, Ҷопон, Туркия, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Покистон, инчунин кишварҳои ғайриосиёӣ - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Юнон, Молдова ва Беларус баргузор гардид. Дар он 97 вакил дар интихобот иштирок карда, ба ҳайси роҳбарони Академия ва аъзои комил ва вобаста интихоб шуданд.

Ёдовар мешавем, ки Академияи илмҳои Осиё ягона муассисаи илмие мебошад, ки дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ барои ҳамгироии донишмандони Осиё, рушди тадқиқотҳои илмӣ ва густариши ҳамкориҳои стратегӣ байни кишварҳои қитъаи Осиё таъсис ёфта, тамоми муассисаҳои илмии минтақаро ба ҳам овардааст.

НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО ЗИЁД МЕШАВАД

Аз 1-уми январи соли 2026 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки маблағи пардохти ҷарима, боҷу андоз, кумакпулиҳо ва дигар пардохтҳо ба он вобаста аст, аз 75 сомонии ҳозира то 78 сомонӣ зиёд мешавад.



Ин нукта дар матни қонуни Буҷети давлатии Тоҷикистон барои соли 2026, ки аз сӯйи ҳукумати кишвар тасдиқ шуд, зикр шудааст.

Нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар буча бо назардошти сатҳи таварруме, ки барои соли мувофиқ пешбинӣ шудааст, муқаррар карда мешавад.

Соли гузашта низ нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 72 сомонӣ ба 75 сомонӣ баланд шуда буд.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

ВА СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2025

(Аввалаш дар саҳ. 2)

Дар доираи ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо медали «Барои хизматҳо дар рушди ҳамкории башардӯстона» сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон, дар ҳошияи ин чорабинии сатҳи олӣ Душанбе мизбони Саммити Сарони кишварҳои қолаби дипломатии С5+1 (Россия) гардид, ки ин ҳама аз пешбурди дипломатияи бисёрҷонибаи фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад.

Илова бар ин, дар доираи дипломатияи бисёрҷониба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6-уми ноябри соли 2025 ба ИМА сафар намуда, дар дуюмин саммити сарони кишварҳои қолаби дипломатии С5+1 (ИМА) иштирок ва суханронӣ намуда, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти манфитаҳои миллӣ ҳимоя намуда, масоили ҳамкориҳои фарогирро баррасӣ намуданд.

Дар назар аст, ки то охири соли 2025 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи дипломатияи бисёрҷонибаи Тоҷикистон дар дигар чорабиниҳои байналмилалӣ, аз қабили Саммити сарони кишварҳои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (дар Қирғизистон) ва ҳафтумин Машварати сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ (дар Ӯзбекистон) ва дигар чорабиниҳои муҳим иштирок ва суханронӣ намоянд.

Ҳамин тавр, нақш ва саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешбурди дипломатияи дучониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон ҳамчун яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар ниҳоят муҳим буда, дар соли ҷорӣ дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд.

Дар доираи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об, ки яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар ба ҳисоб меравад, Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳиби рӯзномаи махсуси СММ оид ба об гаштааст.

Бо талошҳои саривари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи июни соли 2025 дар Душанбе конфронси сеюми байналмилалӣ дар соҳаи об баргузор шуд, ки дастоварди муҳими ин самт арзёбӣ мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташаббусҳои Президенти кишвар дар арсаи байналмилалӣ оид ба пешбурди мавзуҳои обу иқлим 30-юми майи соли 2025 аввалин конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳоро дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Душанбе баргузор намуд, ки ин низ дастоварди муҳими дигар дар ин самт дониста мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дипломатияи фарҳангӣ барои баланд бардоштани имиҷи Тоҷикистон дар ҷаҳон, тақвияти равобит бо кишварҳои ҳамсоя ва пешбурди манфиатҳои миллии худ фаъолона истифода кардааст.

Масалан, яке аз охирин дастовардҳое, ки дар ин самт бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, ин буд, ки 6-уми ноябри соли 2025 зимни иҷлосияи 43-юми Конфронси умумии ЮНЕСКО қатънома зери унвони “Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ” қабул карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки қатъномаи ЮНЕСКО аҳамияти таърихӣ ва маънавии “Устувонаи Куруш”-ро ҳамчун яке аз нахустин санадҳои башардӯстона, ки арзишҳои озодии виҷдон, эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангӣ ва ҳамзистии осоиштаро тарғиб менамояд, махсус таъкид месозад.

Ёдовар бояд шуд, ки ташаббуси мазкур тибқи дастури бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" ироа гардида буд, пешбарӣ шуд.

Соли 2025 дар доираи дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун як самти афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар дониста мешавад, бо ташаббуси нави Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатъномаи таърихии Маҷмаи Умумии СММ оид ба зеҳни сунъӣ таҳти унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» (25-уми июли соли 2025) қабул гардид. Тоҷикистон, ки дар арсаи байналмилалӣ бештар бо ташаббусҳои соҳаи об, иқлим ва амнияти ҷаҳонӣ шинохта мешуд, имсол бо ин иқдоми нав - ташаббуси танзими зеҳни сунъӣ - вориди як марҳилаи нави иштироки фаъол дар муколамаи ҷаҳонӣ гардид, ки дастоварду ва самараи сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.



Парвиз МУҲАММАДЗОДА,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор

Ташаббуси мазкур аҳамияти ҷаҳонӣ дошта, мавқеи кишварро ҳамчун ташаббускори рушди зеҳни сунъӣ дар сатҳи минтақавӣ таҳким мебахшад. Дар доираи ин ташаббуси Пешвои миллат моҳи октябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси байналмилалӣ оид ба зеҳни сунъӣ «AI Conf 2025» баргузор шуд. Дар назар аст, ки Маркази зеҳни сунъии Осиёи Марказӣ дар шаҳри Душанбе таъсис дода шавад.

Дар доираи дипломатияи иқтисодӣ бошад, бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 14-16-уми октябри соли равон дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе Инвест-2025» доир гардид, ки ҳадафи он муаррифии имконоти сармоягузории «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Форум ба ҷалби таваҷҷуҳи ширкатҳои сармоягузории бонуфузи хориҷӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва доираҳои соҳибкорие, ки барои ворид шудан ба бозори Тоҷикистон ҳавасманданд, равона гардида буд.

Бояд қайд намуд, ки Баргузории чунин форуми сатҳи баланд дар ҷумҳурӣ ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, муаррифии имконияти сармоягузории мамлакат, таҳким бахшидани муносибатҳои мутақобили судманди иқтисодӣ бо кишварҳои минтақаю ҷаҳон ва боло бурдани нуфузи сармоягузории Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Хулоса, таҳлилу таҳқиқи фаъолияти пурсамар дар самти сиёсати хориҷӣ дар соли 2025 нишон дод, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт хизматҳои бесобиқа намуда, барои миллату давлати мо ба дастовардҳои муҳим ноил шуданд. Маҳз маҳорати баланди касбии идоракунӣ, далерӣ, шуҷоатмандӣ, қотеият дар қабули қарорҳои сиёсӣ ва хиради сиёсии саривари давлати тоҷикон боис гардид, ки Ҷаноби Олӣ на танҳо дар дохили кишвар, балки дар сатҳи байналмилалӣ шуҳрату эътибор пайдо намояд.





ШОҲРОҲИ НАВИ ҶАВОБГЎЙИ ТАЛАБОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Бо асфалте, ки IRS давоми 16 соли фаъолият дар роҳи Душанбе - Чаноқ харҷ кардааст, бунёди чунин роҳ имконпазир аст

16 сол қабл дар асоси Шартномаи консессионӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" механизми институтсионалию инноватсионии истифодаи роҳи автомобилгарди Душанбе-Чаноқ ҷорӣ гардида буд. Моҳиятан ва мантиқан 16 соли сипаришуда барои роҳбарият ва кормандони филиали Ширкат марҳилаи сабақомӯз, рушду такомул, тавсеаи равобит, болоравии нуфузу обрӯ, ташаккули афкори ҷомеа маҳсуб мешавад. Муҳим он аст, ки аз оғози фаъолият то ин замон кормандони филиали Ширкат бо масъулияттшиносии худ собит намуданд, ки қодиранд вазифаи нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқро дар сатҳи баланд иҷро намоянд.

Аз ҷониби коршиносон низ эътироф шудааст, ки филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ба як тими пуркувват табдил ёфта, мутахассисони он дорои савияи баланди касбӣ мебошанд. Дар давоми марҳилаи на чандон тӯлонии фаъолият рушду такомул ҳадафи асосӣ ва масъулияттшиносӣ меҳвари кору пайкор буд. Ин раванд минбаъд низ идома ёфта, мунтазам густариш бахшида мешавад. Дастовардҳои IRS дар ин муддат зиёданд, вале мо аз зикри пурраи онҳо худдорӣ менамоем, зеро «чизе, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест».

Масъулини IRS борҳо таъкид карда буданд, ки бунёди роҳ як тарафи масъала асту нигоҳ доштани он идомаи мантиқии ин раванд мебошад ва дар сурати амалӣ нагаштани ин кор вайрону валангор гаштани роҳ аз эҳтимол дур нест. Таъкид мегардид, ки роҳи Душанбе - Чаноқ дар муқоиса бо дигар роҳҳои мамлакат махсусияти худро, аз қабили дар минтақаи релефаш душвори кӯҳистон ҷойгир будан, аз офатҳои табиӣ осебпазирии зиёд доштан, дар шафати дарёҳои шӯху тезоб ҷойгир гардидан ва ғайра дорад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омад, ки механизми инноватсиониро аз рӯйи низоми толлингӣ дар хизматрасонӣ ва идоракунии роҳи Душанбе-Чаноқ мавриди амал қарор диҳад ва тибқи шартномаи консессионӣ нигоҳдории шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе-Чаноқ ба зиммаи филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд.

Аҳамияти инфрасохтори роҳи автомобилгард барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тиҷоратии мамлакат бениҳоят бузург аст. Танҳо ҳангоми мавҷуд будани системаи муосири нигоҳдории инфрасохтори роҳҳои автомобилгард, ҳар кишвари дунё имкон пайдо мекунад дар тамоми бахшҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Институтҳои молиявии бонуфузи ҷаҳонӣ, аз қабили Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, Созмони Милали Муттаҳид зимни пешбурди фаъолияташон ба нигоҳдории инфрасохтори роҳ аҳамияти хоса зоҳир мекунанд. Пажӯҳиши агентии SANTRAL собит намуд, ки пас аз се соли таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгард барои нигоҳ надоштани он дар сатҳи зарурӣ 5 маротиба бештар маблағ лозим меояд, баъди 5 сол бошад, барои таъмири он 18 маротиба зиёдтар маблағ зарур аст.

- Дар сурате, ки ҳамасола барои таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгарди кишвар миллионҳо сомонӣ аз буҷети давлат ҷудо мегардад, магар ба беҳдошти вазъ тариқи пулакӣ кардани роҳ зарурат мемонад?,- пурсида буданд баъзеҳо.

Ин тоифа яқин намедонад, ки айни замон дар мамлакат зиёда аз 32000 километр роҳҳои мошингард мавҷуд аст. Аз ин 14000 километраш дар мувозинаи Вазорати нақлиёт қарор дошта, боқимонда, ки пештар дар мувозинаи колхозу совхозҳо ва дигар хоҷагиҳо буд, алҳол соҳиби муайян надорад. Ва барои нигоҳдории 14000 километр роҳ ҳамасола аз буҷети давлат маблағи муайян ҷудо мегардад. Вале бо назардошти аз минтақаи релефаш душвори кӯҳистон гузаштани аксари ин роҳҳо нигоҳдории онҳо тибқи талаботи мавҷуда то андозае имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз, ба зиммаи IRS вогузор шудани хизматрасонӣ ва нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ муҳиму саривақтӣ буда, амалӣ гаштани иқдоми мазкур ба коҳиш ёфтани хароҷоти буҷети давлатӣ, густариши равобити тиҷоратӣ-иқтисодӣ, таъмину нигоҳдории устувори роҳ ва тамдид намудани муҳлати истифодаи он боис гардид.

Барои тақвияти андеша бамаврид аст ёдовар шавем, ки таъмири куллӣ ва ҷории роҳи Душанбе - Чаноқ аз самтҳои асосии фаъолияти ширкати мазкур маҳсуб шуда, ҳамасола бо фаро расидани мавсими гармо шуруъ мешавад. Эътироф бояд кард, ки сарфи назар аз фаъолияти пурмаҳсули кормандони филиали Ширкат, бинобар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ вайроншавии баъзе қитъаҳои роҳи Душанбе -Чаноқ ба вуҷуд омада истодааст.

Вазъият то ҳадде нигаронкунанда аст, ки дар ин масир садҳо километр роҳ осеби ҷиддӣ дида, филиали Ширкат дар ин минтақаҳо роҳро таъмири куллӣ карда истодааст. Аз ҷумла, дар мавсими имсола доираи фаъолият хеле васеъ гардида, тибқи нақша дар 3 минтақа - Варзоб, Зарафшон ва Суғд масрафи зиёда аз 30 ҳазор тонна асфалт харҷ ва 32,65 километр роҳ пурра азнавсозӣ шуд. Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки таъмири куллӣ аз лиҳози моҳият ва хароҷот аз бунёди роҳ кам нест. Сарфи назар ин, роҳбарияти филиали Ширкат дар ин самт собитқадам мебошанд, ки далели бебаҳси масъулиятшиносӣ ва муносибати дуюмдараҷа надоштан ба иҷрои вазифаҳои тибқи шартномаи конссесионӣ ба зиммааш вогузоршуда маҳсуб мешавад. Таъмири ҷории роҳ низ дар сатҳи хубу сифати баланд пеш рафта, зиёда аз 100 км роҳро дар бар гирифт.

Шоистаи зикр аст, ки ин таъмиру тағдиди роҳи Душанбе - Чаноқ соли 2012 оғоз гардида, ҳамон вақт 2000 тонна асфалт харҷ шуда буд. Минбаъд ин нишондиҳанда тамоюли афзоишро касб карда, соли 2013 ба 6000 тонна, 2014 - 10000 тонна, 2015 - 15000 тонна, 2016 - 13575 тонна, 2017 - 51551 тонна, 2018 - 30864 тонна, 2019 - 49862 тонна, 2020 - 29377 тонна, 2021 - 55366 тонна, 2022 - 39916 тонна, 2023 - 25079 тонна ва соли 2024 ба 18408 тонна асфалт расид. Муҳимтар аз ҳама, барои таъмири роҳ мутахассисони ҳирфаӣ ва техникаву механизмҳои замонавӣ ҷалб шуда, 10 корхонаи истеҳсоли масолеҳи барои нигоҳдории роҳ пешбинигардидаи марбут ба филиали Ширкат дар тавсеаи ин раванд саҳми бориз доранд.

Далелҳои мазкур, ки "муште аз хирвор" мебошанд, барои дарки моҳияти мавҷудияту фаъолияти IRS ва баровардани хулосаи беғаразона муфиданд.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

НИГАРОНӢ АЗ СИФАТИ ИНТЕРНЕТ

Хадамоти алоқаи Тоҷикистон бо роҳбарони ширкатҳои мобилӣ сабабу омилҳои паст гардидани сифат ва дастрасии шаҳрвандон ба алоқаи мобилӣ ва интернетро баррасӣ кардааст.

Тибқи иттилои ин ниҳод, ба роҳбарони ширкатҳои мобилӣ "барои сари вақт бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, барқарор намудани хизматрасонии босифат ба муштариён ва таъмини муътадили алоқаи мобилӣ ва интернет" супоришҳои мушаххас дода шудааст.

Дар хабари расмӣ омадааст, ки "масъулини ширкатҳои мобилӣ новобаста аз қатъ ва ё маҳдуд гардидани таъмини қувваи барқ дар минтақаҳои хизматрасонӣ ва нуқтаҳои осебпазир бояд бо истифода аз панелҳои офтобӣ, аккумуляторҳои захиравӣ ва дизел-генераторҳои коршоям фаъолияти ҳама истгоҳҳои базавии мобилиро мунтазам ва бе таваққуф ба роҳ монанд".

Ширкатҳои мобилӣ ҳамзамон ухдадор шудаанд, ки барои шаффофият ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҳолатҳои пеш омадани зарурати қатъ намудани муваққатии хизматрасониҳо муштариёнро пешакӣ ва сари вақт ба таври ҳатмӣ огоҳ намоянд.

"Огоҳиномаи ширкатҳо ба муштариён дар ин хусус бояд бо нишон додани сабабҳои қатъшавӣ, минтақаҳои таъсирпазир, вақти оғоз ва муҳлати тахминии барқарорсозии хизматрасонӣ тавассути SMS-паёмҳо, хабарҳои фаврӣ дар сомонаҳои расмии ширкатҳо ва саҳифаҳои онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр карда шавад",- иттилоъ медиҳад манбаъ.

Дар воҳӯрӣ барои расидан ба арзу шикоят ва дархостҳои муштариён, истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва интернет, ки гуфта мешавад вақтҳои охир тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегарданд, аз ҳисоби кормандони Хадамоти алоқа ва роҳбарону масъулини ширкатҳои мобилӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Сокинони кишвар аз он шикоят мекунанд, ки дар сурати хомӯш шудани барқ мавҷи алоқа ва интернет ҳам дастнорас мегардад ва боиси монеаҳо дар кору муошрати онҳо мешавад.

МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА

ЗАМИМАИ ҲАФТАНОМАИ «ТОҶИКИСТОН» БАХШИДА БА 80-СОЛАГИИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХОТИРАИ НЕКАШ ДАР ДИЛИ ХАЛҚ АБАДИСТ

Дӯстони муҳтарам!

Як сол муқаддам депутати халқ, сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум Муродуллоҳи Шерализода аз тири хоинони миллат шаҳид гашта буд. Ин қурбонии аввалин буд дар роҳи муборизаи барои мустаҳкам намудани давлату ҳукумати қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барои Муродуллоҳи Шерализода истиқлоли Ватанаш басо азиз ва пурқимат ҳисоб меёфт, барои ҳамин ӯ аз ин шарафи озодӣ ва истиқлолият болида, баҳри мустаҳкам гардидани он ғайрату кӯшиши зиёд ба харҷ медод. Вале душманони хунхори халқ инро чашми дидан надоштанд ва маҳз ӯро аз ҷумлаи аввалинҳо ҳадафи тири заҳрогини худ қарор доданд.

Имрӯз ман ҳаёту фаъолияти бобаракати бародари муборизам, шодравон Муродуллоҳи Шерализодаро пеши назар меоварам. Зиндагии ин шахси хоксору ҳалим то лаҳзаҳои вопасин ба кори халқу ҷомеа бахшида шудааст. Бинобар ин, месазад, ки ҳаёти ин марди садоқатпешаро корнамоӣ биномем. Барои ҳамин ҳам тамоми сокинони ҷумҳурӣ номи Муродуллоҳи Шерализодаро бо ҳисси баланди эҳтиром ба забон меоваранд.

Дар зодгоҳаш деҳаи Кулолии ноҳияи Панҷакенти бостонӣ таъсис ёфтани хона-музейи ин шаҳиди роҳи ҳақиқату адолат, дар саҳни мактаби деҳа, ки номи мубораки ӯро дорад, сохта шудани нимпайкараи вай ва эъмор гардидани мақбараи покаш нишони ҳурмату эҳтиром ва поси хотирдории халқ нисбати фарзанди барӯманд ва содиқи худ мебошад.

Хона-музейи Муродуллоҳи Шерализода, ки имрӯз ифтитоҳ гардид, наслҳои ҷавонро дар рӯҳияи фидокорӣ, садоқату вафодорӣ нисбат ба Ватан тарбия намуда, ба ҳар як кас сабақи одамият, башардӯстӣ, маърифатмандиро меомӯзад. Ин ҳам хизмати Муродуллоҳи Шерализода буда, ба ин маънӣ ӯ дар сафҳои мо абадӣ қадам мезанад. Муродуллоҳ барин шахсони наҷиб рӯзгори хешро бидуни хизмати халқ тасаввур карда наметавонистанд. Ӯ воқеан ҳам донишманди фозил, фарзонамарди соҳаи фарҳангу маданият, арбоби барҷастаи давлатӣ буда, таҳким бахшидани дӯстию бародарии ҷовидонаи тамоми халққою миллатҳои ҷумҳуриамон, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистони азизро ҳадафи волои худ ҳисобида буд. Ӯ барои ин мақсади олӣ ҳамеша ҷаҳду ҷадал менамуд ва муборизаи оштинопазир мебурд. Ва дар ҳамин роҳ ҳам ҷони ҷавони худро нисор кард. Имрӯз, ки давлату ҳукумати конститутсионӣ мустаҳкам буда, устуворона ба пеш қадам мениҳад, барои ин Муродуллоҳи Шерализода низ саҳми босазо гузоштааст.

Ман боварии комил дорам, ки ҷавонони имрӯзаи диёр ба қадамгоҳи Муродуллоҳи Шерализода омада, сабақи меҳри Ватан, дарси садоқату вафодорӣ меомӯзанд. Машъале, ки ин марди фидоӣ ва накӯкор афрӯхт, ба таври абадӣ шуълафишонӣ хоҳад намуд ва ҷавононро дар атрофи давлати қонунӣ муттаҳид хоҳад кард.

20-уми майи соли 1993



80 сол

МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА

14 апрели соли 1945 дар деҳаи Кулолии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таваллуд шудааст. Хатмкардаи мактаби миёнаи №7-и деҳаи Кулолӣ ва Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) аст.

Дар вазифаҳои ходими адабии рӯзномаи «Маориф ва маданият» (1966), ходими хурди илмӣ, ходими калони илмии сектори тарҷумаи Институти таърихи партияи назди КМ ПК Тоҷикистон – филиали Институти марксизм-ленинизми назди КМ КПСС (1966-1970) кор кардааст. Солҳои 1970-1974 ва 1978-1982 дар шаҳрҳои Мазори Шариф ва Кобули Ҷумҳурии Афғонистон ба сифати тарҷумон ва тарҷумони калон фаъолият кардааст.

Солҳои 1974-1978 ва 1982-1987 ходими калони илмӣ, мудири сектори тарҷумаи Институти таърихи партияи назди КМ ПК Тоҷикистон буд.

Номзади илми таърих (1984).

Сипас, ӯро ба КМ ПК Тоҷикистон ба кор даъват намуданд, ки он ҷо ба сифати инструктори шуъбаи муносибатҳои хориҷӣ (1987-1988) ва ёрдамчии Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон (1988-1990) ифои вазифа намуд.

Вакили Шурои олии Тоҷикистон – даъвати 12.

5 октябри соли 1990 бо Қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Сармуҳаррири Рӯзномаи «Садои мардум» – органи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон таъйин гардид.

5 майи соли 1992 дар саҳни бинои Шурои Олии Тоҷикистон ба қатл расонида шуд.



«Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд» китоби нави рӯзноманигор ва публитсисти шинохта Шариф Ҳамдампур аст, ки ба зиндагӣ, мубориза ва шаҳодати рӯзноманигори шинохта, нахустин сармуҳаррири нашрияи «Садои мардум», вакили мардумӣ ва аввалин қурбонии ҷанги шаҳрвандӣ – Муродуллоҳ Шерализода бахшида шудааст.

Ин китоб дар 320 саҳифа тариқи нашриёти “Тоҷикистон” нашр шуда, аз силсилаи “Ҳаёти одамони наҷиб” мебошад. Қаблан пораҳо аз ин китоб тариқи ҳафтаномаи “Тоҷикистон” нашр шуда буд.

«Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд» на танҳо қиссаи зиндагии як шахс, балки сарнавишти наслест, ки ҳақиқатро ба қимати ҷон ҳимоят кард. Муаллиф рӯйдодҳои солҳои пурошӯби охири асри XX ва ибтидои асри XXI-ро бо забони равон, пуртаъсир ва бо сабки бадеии зинда бозгӯ менамояд. Дар китоб бо истифода аз хотирот, санадҳо, шаҳодати шоҳидон ва таассуроти шахсӣ саҳифаҳои фоҷиабори таърихи нави Тоҷикистон – аз тазоҳуроти «Баҳманмоҳи хунин» то рӯзҳои талхи парокандагӣ бо эҳсоси амиқ тасвир ёфтаанд.

Дар маркази китоб симои Муродуллоҳ Шерализода ҳамчун зиёии ростгӯй, ватандӯст ва қурбонии ҳақиқат меистад. Ҳар боби китоб аз зиндагии ӯ - аз рӯзҳои донишҷӯӣ то лаҳзаҳои охири умр мисли порае аз таърихи як миллат ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Ин китоб на танҳо ёднома, балки даъват ба андеша, ҳушёрӣ ва инсондӯстист. Он ҳақиқатро на танҳо аз нигоҳи таърих, балки аз нигоҳи виҷдони инсонӣ арзёбӣ мекунад ва хонандаро водор месозад, ки аз гузаштаи пурдард дарси ибрат гирад.

«Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд» ҳушдори виҷдон, садои инсонест, ки кушта шуд, вале номи ӯ дар хотири мардум зинда монд.

(Идома аз шумораҳои гузашта)

АЗ НАҚЛИ САНАВБАР ҚАҲҲОРОВА:

... Он бегоҳ ҳама чиз муқаррарӣ буд. Хосият телефон кард, ки меҳмон дорад, хона биёям. Ман ба ҳамсарам Абдурашид Қаҳҳоров, ки дар Шурои Олӣ кор мекард, занг задам ва пурсидам, ки иҷозат диҳад ба хонаи хоҳарам равам, меҳмон доранд, кумак лозим будааст. Хонаи мо аз ҳамдигар чандон дур набуд. Он бегоҳ бо акаи Ҳасанбой Дӯстов рӯ ба рӯ омадам. «Санавбархон, ба хонаи мо ҳам лутф кунед» гуфтанд. «Язнаам меҳмон доранд» гуфтаму гапро кашол надода, боло баромадам. Хосият дар ошхона буд. Баъд аз салому алек ман ба оростани дастархон машғул шудам. То омадани меҳмонҳо мо аллакай ҳамаро омода кардем. Язнаам гирди меҳмонҳо чун моку мепечид.

Хислаташ ҳамин буд, меҳмондӯстдор.

Пардаи тиреза боз буд. Берун торик, чароғи хонаҳои маҳалла базӯр балкончаҳоро рӯшан мекарданд. Овози гапу ханда, бӯйи таому гармии хона, ҳама бо ҳам печида буданд. Меҳмонон чунон саргарми суҳбат буданд, ки дар хона будани моро ҳис намекарданд.

Як лаҳза назарам ба боми дарозлези муқобил афтод, ки рӯ ба рӯ қарор дошт. Дар ошёнаи дуюм хонаи Лоиқ Шералӣ буд. Дар торикӣ, дар болои бом нуре мисли рӯшноии кирми шабчароғ ба ҳаракат даромад.

Як лаҳза дар ҷоям шах шудам ва аз он нур чашм накандам. Ҷисме ба ҳаракат даромад ва пинҳон шуд.

Ҷисме... чароғаке... ҳаракате... рӯ ба рӯи тирезаи язнаам қарор гирифт. Дилам дур рафт. Ҳисси хавотирӣ вучудамро фаро гирифт.

Ба меҳмонон нигаристам. Муродуллоҳ бо меҳмоне гарм масруфи суҳбат буд. Ман оҳиста, гӯё бепарво, аммо бо дастони ларзон пардаҳоро пӯшидам.

Худ ба худ гуфтам: «Худоё, мабодо...».

Ба ошхона баргаштам. Қалбам ноором буд. Ҳар замон хавотир ҷониби тиреза менигаристам. Ба назарам чунин менамуд, ки марде дар даст камон ду чашм ба тирезаи язнаам аст...

Нигоҳамро ба батни хоҳарам Хосият дӯхтам. Ӯ ҳаштмоҳа ҳомила буд. Дилам тоҳ кашид. Ногаҳ фикре ба сарам зад. Апаам Сония бо шавҳараш Ғулом дар Кӯлоб зиндагӣ доштанд. Ба Хосият мегӯям, ки Муродуллоҳро маҷбур кунад, ки ду-серӯза меҳмонӣ ба Кӯлоб раванд. Худам фардо ба Сонияю Ғулом занг мезанам, ки бо баҳонае ба Кӯлоб даъват кунанд. Он вақт масъала худ ба худ ҳал мешавад... Дар паси ҳар пиёла чой, ҳар зарби қошуқ хатаре, ки ноаён сӯи ин хона қадам мезад, ниҳон буд.

Муродуллоҳ ҳамоно табассум дошт, овозаш устувор буд, вале касе намедонист, ки вақт бо ӯ чӣ гуна бозӣ дошт.

Баъдтар, шаб худро ба рахти хоб партофтам. Аммо ин на хоб буд ва на бедорӣ.

Танҳо як фикр, як тасвир пеши назарам буд: рӯшноии кирми шабчароғе, ки дар торикӣ метобид ва як чашми ноошно, ки ба тиреза менигарист.

НИГОҲЕ ЧУН ВАСИЯТ

Он субҳ садои сахт кушода шудани дари баромад маро аз хоб бедор кард. Аз ҷой як қад парида хестам ва ба даҳлез баромадам.

- Хосият, язнаам ку?...,- бо овози нимхобу нимҳарос пурсидам.

Хосият, ки дастонашро рӯи шиками бузургаштааш гузошта буд, кӯтоҳ гуфт:

- Ҳозир баромад... Сессияи Шурои Олӣ будааст.

Ман худро берун задам. Дар ҳавлӣ шамоли форами дараи Варзоб мевазид. Муродуллоҳ дари мошинро кушода, қасди ба он нишастан дошт. Ман худро назди мошин гирифтам.

- Не, язна! Намеравед! Илтимос!

Муродуллоҳ бо тааҷҷуб пурсид: «Санавбархон, тинчӣ?».

- Гап ҳаст, имрӯз намеравед.

ВАҚТЕ КИ

Ман ҷониби Хосият, ки дар айвонча буд, садо кардам:

- Хосият! Эрачу Ҷовидро фарор! Ба поён биёянд! Ҳозир!

Писарони Муродуллоҳ бо нигоҳи ҳайрону хоболуд ба ҳавлӣ фаромаданд. Ман онҳоро назди мошин бурдам:

- Ба мошин даромада шинед! Ба дадаатон гӯед, ки ба кор намеравад.

Эрачу Ҷовид ба мошин нишастанд. Муродуллоҳ, ки дар паси рул буд, ба оинаи ақиб нигарист:

- Фароед, ба хона баргардед.

Кӯдакон фаромаданд. Муродуллоҳ дари мошинро каме боз кард, ба ман нигарист. Нигоҳаш ором буд. Оромие, ки дар умқаш изтиробу чудоӣ ниҳон буд. Дар нигоҳаш васият хонда мешуд.

- Ман бояд равам, Санавбархон... имрӯз сессияи ҳалкунанда аст. Ҳатман бояд он ҷо бошам. Боз имрӯз 5-уми май, Рӯзи матбуот, кормандони идораи рӯзномаро бояд табрик кунам...

Муродуллоҳ чун ҳамеша мошинашро канори роҳ, назди дӯкони рӯзномафурӯшии бемористони Қарияи боло нигоҳ дошт. Навбат калон буд. Он шабу рӯз ҳама интизор буданд, ки рӯзномаҳо чи менависанд. Майдонҳои «Шаҳидон» «ва «Озодӣ» Душанберо ба ду қисм тақсим карда буданд. Ӯ рӯзномаҳоро харид ва ба мошин нишаст.

ХАНҶАР АЗ ПУШТ

Нигоҳаш ба саҳифаи аввали «Ҷавononи Тоҷикистон» афтод. Дар он изҳороте бо ному насабҳои шинос чоп шуда буд. Бобараш наомад. Кормандони «Садои мардум». Ӯ каме сари чанбарак хам шуд, чиддӣ ба хондан даромад. Ҷумлаҳои аввал умумӣ, аммо ҳар қадар пештар мерафт, эҳсос мекард, ки матн ором-ором шакли айбнома мегирад. Муроҷиатнома ба қалами 11 нафар кормандони «Садои мардум» тааллуқ дошт. («Ҷавononи Тоҷикистон», №49 (8534), 2-юми майи соли 1992).

Ӯ дар ғазаб шуд. Ин барояш худширинкунии муаллифон дар назди майдони «Шаҳидон» намуд. Ҳар рӯз бо ҳам будем, магар фикрашонро рӯ ба рӯ гуфта наметавонистанд? Ӯ думакзаниро дӯст намедошт...

Ӯ сармуҳаррири рӯзномаи давлатӣ буд ва дар мавқеи давлат қарор дошт. Ҳарчанд барои гуногунфикрӣ аз майдони «Шаҳидон» низ мавод чоп мекард. Ин гурӯҳ чӣ мехоҳад? Худширинкунӣ ба хотири мабодо дар назди мухолифини ҳукумат?

Хусусан аз амали як нафари онҳо, ки ӯро «устод» мегуфт, ҳамеша дар кору берун аз кор дасти мададаш барояш дароз мекард, ба ғазаб омад. Мехост донад, ки зери ин коса чӣ нимкосаест.

Ӯ дарк мекард, ки ҳалқаи си-

ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

ёсии гирди ӯ танг мешавад. Ҳар як ишора, ҳар як ҷумла метавонад ӯро ба яке аз майдонҳо бипайвандад ва дигар роҳи бозгашт намонад.

Бо дили пурташвиш мошинро ба кор даровард ва аз тиреза ба берун нигарист.

Нигоҳаш боз ба саҳни Кумитаи марказӣ афтод, ки аз одам пур мешуд. Садои митингбозон, гарчанде пасту дур буд, вале мисли мавҷи баҳр ба гӯш мерасид. Он садо бо ҳар ҷумлаи мурочиатнома якҷо мешуд, қувват мегирифт ва боз сахттар ба зеҳни ӯ фишор меовард.

Муродуллоҳ нафаси чуқур кашид. Андешаҳояш мисли тир мепариданд:

- Чаро онҳо ин корро карданд?

- Магар ин корд аз пушт задан нест?

- Ё шояд ин оғози бозии дигар бошад?

Дастонаш бехабар ба ҷанбарак сахт часпиданд. Дарди нозук дар ангуштонаш пайдо шуд. Ӯ худро маҷбур кард, ки ором бошад.

Муродуллоҳ мавқеи "Ҷумҳурият" ва «Ҷавонони Тоҷикистон»-ро, ки дар он айём мавқеи бетарафиро нисбат ба давлат пеш гирифта будад хуб медонист. Ин чанд сатр дигар танҳо матни оддӣ набуданд, мисли ҳукм алайҳи ӯ садо медоданд, мисли тире, ки аз саҳифа гузашта, ба оромии рӯзгори инсон ва бовар ба адолат мезанад. Ӯ ҳис мекард, ки дар паси ҳар ҷумла на танҳо калима, балки нерӯи ноаёни сиёсӣ истодааст.

Ҳамин тавр, вақте муҳаррик оҳиста ба кор даромад, Муродуллоҳ бо тамоми вуҷудаш эҳсос кард, ки роҳи минбаъдааш, новобаста аз он ки ба кучо мебарад, дигар орому осон нахоҳад буд.

СУБҲИ РӮЗИ МАТБУОТ

Он субҳ барвақт ба идора омадам. Ҳаво соф, аммо фазо пуристироб буд. Шаби қабл аз Шерализода тавассути телефон дастур гирифта будам:

- Барвақт биёед. Пагоҳ - панҷуми май, Рӯзи матбуот аст. Кор бисёр. Соат аз ҳашт гузашта буд, вале аз Шерализода хабаре набуд. Кормандон як-як меомаданд. Чеҳраҳо хаста, нигоҳҳо парешон, саломҳо хушку расмӣ. Ҳама дар фикри худ буданд, касе бо касе самимона гап намезад. Он гармии ҳамкорӣ, ки қаблан фазои идораро пур мекард, аз миён рафта буд.

Баъди нашри мурочиатнома фазои идора дигар шуд. Мисли он ки дар миёни ҳамон деворҳои шинос касе тухми нобоварӣ ва шубҳа кошта бошад. Нигоҳҳо аз ҳам мегурехтанд, табассумҳо дигар ростин набуданд.

Ман аз пайи корҳои рӯзнома шудам, вале эҳсос мекардам, ки ҳавои идора танг аст, гӯё чизе дар фазо овезон аст, ки нафасро сангин мекунад. Соат ҳашту ним шуд.

Дар берун - майдони «Озодӣ», ки дар саҳни берунии Шурои Олӣ қарор дошт, пурошӯб менамуд. Гӯё аз он ҷо боде мевазид, ки оҳанги нооромии замонро менавохт.

Вақт дигар ҳаракат намекард, гӯё соат низ дар хомӯшӣ интизори шунидани қадамҳои касе буд. Тақрибан соати ҳаштуним дари утоқи корӣ кушода шуд. Шерализода ворид гардид.

Ҳамаи нигоҳҳо ба сӯи ӯ дӯхта шуданд. Ӯ ором буд, вале ҳар қадамаш бори андеша ва шабзиндадории ӯро мекашид. Дар он нигоҳаш як ҷаҳони пурдард пинҳон буд.

Ман ба наздаш рафтам ва бо ҳайрат пурсидам:

- Дер кардед?

Ӯ каме таваққуф кард, нигоҳи амиқе ба ман андохт ва ором гуфт:

- Ба хонааш рафта будам.

Ман ҳайрон шуда пурсидам:

- Хонаи кӣ?

Ӯ номеро гуфт, ки диламро тақон дод. Номи ҳамон нафаре, ки то дирӯз наздиктарин ҳамфикр, дӯст ва такягоҳи ӯ буд. Ва акнун яке аз муаллифони мурочиатномаи зидди мавқеи «Садои мардум».

Шерализода каме хомӯш монд, оҳе кашид ва гӯё бо худ суҳбат мекард:

- На, на... набояд ӯ ташаббускор бошад... Набояд...

Ман хомӯш гӯш мекардам. Ӯ ба ман нигарист - бо он нигоҳе, ки на ғазаб, балки андуҳ ва ноумедиро дар худ дошт:

- Аллакай маълум аст... Ҷавонтарҳо аз пасаш мерафтанд, гапи ӯро мегирифтанд...

Боз пурсидам:

- Ӯро дидед? Чӣ гуфтед?

Шерализода ба курсӣ такя дод, чашмонашро нимпӯш кард. Нигоҳаш дур, гӯё ба як манзараи ноаён нигариста бошад. Баъди лаҳзае ором гуфт:

- Дарро накушод... Агар ҳам мекушод, ягон ҳарф намегуфтам... танҳо як бор ба рӯяш менигаристам... як бор...

Садояш мисли шамоли хаста аз миёни девор мегузашт. Дар он на хашм, балки як дарди амиқи инсонӣ ҳис мешуд, дарди аз даст рафтани эътимод.

Суҳбати мо дароз набуд. Вай ногаҳон аз ҷой хест, коғазҳои рӯи мизро ҷамъ кард ва гуфт:

- Якҷо бо муовинон рӯйхати кормандонро барои мукофотпулӣ тартиб диҳед. Барои Рӯзи матбуот. Омода ки шуд, онро ба Шурои Олӣ биёред.

ОҒОЗИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ

Аз тирезаи идораи рӯзнома ба берун нигоҳ кардам. Майдони «Озодӣ» мечӯшид. Душанбе аз митингбозӣ нафастанг гашта буд. Хабарҳо яке паси дигар ба рӯзнома ворид мегаштанд: «Ҷаласаи Шурои Олӣ боз ба вақти дигар гузошта шуд...», «Депутатҳо ҳозир намешаванд...», «Кворум нашуд...».

Ҳолдонҳо медонистанд, ки дар паси ин хирмани хабарҳо оташе нуҳуфтааст. Ва он оташ дер ё зуд аланга мезанад.

Дар деҳаи Совети Олӣ, шоҳроҳи Душанбе - Ёвон садои аввалини тир баланд шуд. Гурӯҳи ҷонибдорони ҳукумат аз Кӯлоб ба пойтахт меомаданд. Дар миёнаи роҳ онҳоро тарафдорони майдони Шаҳидон манъ карданд.

Сухан ба ҷанҷол, ҷанҷол ба таҳдид, таҳдид ба тирпарронӣ табдил ёфт.

Гвардияи президентӣ барои кушодани роҳ сафарбар шуд. Аммо онҳое, ки роҳро баста буданд, онро накушоданд. Ду сарбози гвардия кушта шуданд. Чанд нафари дигар мачруҳ гаштанд. Хунрезӣ оғоз ёфт. Ҷасадҳо ва мачруҳонро ба Душанбе, ба майдони «Озодӣ» оварданд. Майдон ба якборагӣ таркид. Нолаҳои мачруҳон, фарёди митингчиён, гиряҳо - ҳама бо ҳам омехта шуданд.

Дар ҳамин ҳол, соатҳои тақрибан сеи пас аз зуҳр боз ҷаласаи Шурои Олӣ даъват шуд. Аммо боз ҳам қисми зиёди депутатҳо наомаданд. Онҳо шояд дар майдонҳо буданд. Толори Шурои Олӣ ҷисми нимҷонро ба хотир меовард.

СУХАНЕ, КИ ЧУН ОТАШ АЗ ДАҲОН ПАРИД

Фазо сангин буд. Дар рӯйи депутатҳо хастагӣ, тарс ва баъзан беэътиноӣ аён буд. Касе ба касе нигоҳ намекард. Ҳама интизор доштанд, ки боз ҷаласа мавқуф гузошта мешавад.

Вале ногаҳон Муродуллоҳ Шерализода аз ҷой бархост ва бо қадамҳои устувор ҷониби минбар рафт. Толор ба ҷунбиш омад. Ҳама ба ӯ нигаристанд.

Ӯ дар изтироб буд. Ин дам ӯ дар минбар на он нотиқи суханвари сиёсатмадор, балки шахсе буд, ки бо эҳсос, аз дили оташгирифта сухан мекард.

- Ин ҳама бо гуноҳи мову шумо - намояндагони ба ном мардумист!,- садояш мисли тире буд, ки ба дили толорнишастагон расид. Аз дастархони давлат нон мехӯред, вале онро пеши по мезанед! Ним рӯз дар майдони «Озодӣ», ним рӯз дар майдони «Шаҳидон»! Муқобили давлат истодаед, аммо занҳоятон савори мошинҳои давлатанд!

Ӯ ин тоифа депутатҳоро як-як ном бурд. Депутатҳо рӯ ба рӯи шахсе қарор доштанд, ки ҳақиқати талх мегуфт. Толор хомӯш буд. Ҳеҷ кас ҷавоб надод. Чӣ ҳам метавонистанд гӯянд? Ба гапи ҳақ посух набуд. Он садо, он нутқ шояд то ҳол дар бойгонии телевизион мавҷуд бошад. 5-уми майи соли 1992, соати 15:00.

(Давомаш дар саҳ. 11)





Кароматулло ОЛИМЗОДА

МАШЪАЛИ ҲАҚ

Ба ёди инсони покдил, вакили Шурои Олӣ Муродуллоҳ Шерализода

Душманони миллати мо тир бар ҷонат заданд,
Теша андар решаи сарви хиромонат заданд,
Санг андар шишаи уммеду армонат заданд,
Қуръаи қурбонии аввал бар унвонат заданд,
Оби сарде бар дили аз меҳр ҷӯшонат заданд.

Ботинат оинаосо аз кудурат пок буд,
Васфи зотии ту ақлу донишу идрок буд,
Аз ғами инсони заҳматкаш дили ту чок буд,
Душманат чун рӯбаҳи маккор бас чолок буд,
З-ин сабаб якбора чанг андар гиребонат заданд.

Ростиро шеваи худ карда будӣ интихоб,
Дошт якчеҳраву як рӯй мисли офтоб,
Аз дарун хӯрдӣ, чу мӯйи андар оташ печутоб,
Чун бидидӣ сифлатабъонро шуда одаммаоб,
К-оқибат ханҷар ба ҷисми Тоҷикистонат заданд.

Чун вакили халқ чанде сохтию сӯхтӣ,
Машъали ҳақ бо «Садои мардум»-ат афрӯхтӣ,
Чашми худ бар шӯълаи субҳи саодат дӯхтӣ,
Гавҳари имон ту чун бемоягон нафрӯхтӣ,
Мӯҳри хомӯшӣ бад-он табъи сухандонат заданд.

Зиндаӣ ту дар суруди обшорони диёр,
Бо тапиданҳои набзи беқарори рӯзгор,
Чун шаҳиди моҳи май дар шамъҳои лолазор,
Дар дили ҳаммиллатони поквичдону баор,
Гарчи номардон гумони хатти бутлонат заданд.

Чун нагирям Тоҷикистонам ба ҳоли зори ту,
Бар хиёнатҳои фарзандони бас беори ту,
Бар тани пур аз ҷароҳатгаштаи хуншори ту,
Мардуми бехонумону кӯдаки бемори ту,
К-ин маҳалбозон бад-ин ҳоли парешонат заданд.

Мерасад рӯзе, ки захмони ту ёбад илтиём,
Дасти ваҳдат дур созад аз раҳат найрангу дом,
Меситонем аз адӯвон оқибат мо интиқом,
Мерасонад мужда бар рӯҳи шаҳиди нангу ном:
«Парчами сулҳу Сафо бар боми айвонат заданд».





Шодӣ ШАБДОЛОВ, сиёсатмадор

Муродуллоҳ Шерализода дар таҳия ва ба Шурои Олии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Конститутсионии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Тоҷикистон» саҳми мустақим дошт, ки ин ҳам дар он замон як шуҷоат дар ҳифзи забони давлатии тоҷикӣ буд.



Умриқул ҲАҚБЕРДИЕВ, тарҷумон

Муродуллоҳ қудрати суханро накӯ эҳсос мекард ва ба қадри суханвар мерасид. Инро мо дар он давроне дарк намудем, ки эшон ҳамроҳи тарҷумони бомаҳорату донишманд, устод Ҳабиб Аҳрорӣ дар як даргоҳ кор мекард. Муродуллоҳ ин марди наҷибро ба ҳайси устод пазируфт, аз ҷавҳари ҳунари ӯ истифода кард. Он кас ҳам Муродуллоҳро шогирди содиқ ва фарзанди ғамхору меҳрубон хонда буданд. Мо воқиф будем, ки муносибати шогирд бо устод беғаразона буд ва инро зиндагӣ нишон дод. Баъд аз сари Ҳабиб Аҳрорӣ маҳз Муродуллоҳ Шерализода маҷмӯаи ҳикоёти ӯро таҳия ва сарҷамъ намуда, ба унвони «Тӯйхӯрии мӯйсафедон» интишор дод ва алову чароғи устодро зинда дошт.



Тошбой БОБОЕВ, профессор

Воқеаҳои солҳои навадум нишон дод, ки миёни ҳама мардонро шикастан мумкин нест. Дар он даврон мардоне пайдо шуданд, ки то чӣ андоза ба вахшоният қодир будани қуввахои сиёҳро фаҳмонанду барои муттаҳид шудани миллати тоҷик ва давлати соҳибихтиёр муборизаҳоро сар карданд. Муродуллоҳ Шерализода яке аз чунин мардон буд. Маҳз чунин мардон буданд, ки сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон барқарор карда шавад ва мардуми тоҷик дар шароити Ваҳдати миллӣ зиндагонӣ ба сар баранд.



Исмоил ЗАРИФӢ

ТУРО КУШТАНД...

Дар ёди Муродуллоҳ Шерализода

Туро як рӯз пеш аз марги ту куштанд,
Гумон карданд шоху барги ту куштанд.
Туро куштанд ёрони равоният,
Туро куштанд ёрони забоният.
Туро куштанду рӯйи нашъи бечонат,
Гиристанд он қадар бар захми пайконат.
Туро куштанд бедардон,
Туро куштанд номардон.
Ки то бо домани кӯтаҳ ҳақиқатро бипӯшонанд.
Ҳақиқатпешагонро то ба сӯйи ҳошия ронанд.
Вале марги ту боис гашт бар оташ,
Ғуломи ачнабӣ гардид охир ёғии саркаш.
Ҳама буду набуди мо дар оташ сӯхт,
Ҳаёти ёри дилкаш сӯхт...
Мусибатҳо паси сар шуд,
Саропо мулк дигар шуд.
Гули ишқу ҳавас дар боғи мо бишкуфт,
Ситора дар само бишкуфт.
Ту аз нав зинда гардидӣ,
Чу ахтар боз тобидӣ.



Абдуҳалим ҒАФФОРОВ, сиёсатмадор

Муродуллоҳ Шерализода ҳамчун як ходими сиёсию давлатӣ, рӯзноманигори варзида воқеаҳои хунини солҳои ҷанги шаҳрвандиро таҳлил ва таҳқиқ намуда, роҳбарони даврро аз пешомадҳои нангин огоҳ намуда, барои чорачӯиҳо онҳоро хабардор намуда буд, то таъбирҳо чӯянд. Зеро дар ботини поку беолоиши Муродуллоҳ ҳисси баланди инсондӯстона чӯш мезаду ғамшарик ба ҳама ва ҳар ҷонзоти оламу инсу ҷинс буд. Муродуллоҳ Шерализода солҳои дар Афғонистон кор карданаш намунаи барҷастаи одами даврони Шуравӣ буд, ки то имрӯз ҳамкорони афғонӣ бо некӣ ёд мекунанду чашмонашон пур аз ашк мегардад. Ёдаш ба хайр!



Қироншоҳ ШАРИФЗОДА, рӯзноманигор

Услуби роҳбарии устод Шерализода мабнӣ ба ширинзабонӣ, на танҳо дар муоширати самимӣ бо ҳамкорону мурочиин зоҳир мегардид, балки фазилати забондонии эшон шеваи корбарии «Садои мардум»-ро зебу тақвият мебахшид. Агар гӯем, ки бо ибтикори устод Шерализода ба нашрияи навтаъсис ҳайати нерӯманди қаламкашони тозапардоз гирд омада буд, хатое нахоҳад рафт. Касе шубҳа дорад, ба дӯхтаи соли аввали «Садои мардум» як назар андозад, бо имзоҳое хоҳад вохӯрд, ки худ бозгӯи ин даъвост.



Мардони МУҲАММАД, рӯзноманигор

Аз ҳамкории худуди дусола бо Муродуллоҳ Шерализода хотироти ширину ибратомӯз ва ҳушнангезе ба ёдгор мондааст. Аввал, Муродуллоҳ Шерализода ба унвони як шахси поктинат, якрӯ, донишманд ва одил барои мо, хабарнигорон намунаи ибрат буд. Ӯ дар мавриди ислоҳи урфу одоти ҷомеа назарҳои созанда дошт ва бо аъмол ва рафтори худ барои иҷрои онҳо дигаронро ташвиқ мекард. Нуктаи дигар аз хислатҳои наҷиби Муродуллоҳ Шерализода ҳимояти ӯ аз ҳуқуқи ҳамкорон ва ҷилавгирӣ аз фишори раҳбарони сохторҳои давлатӣ болои хабарнигорон буд.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Аввалаш дар саҳ. 9)

Нотиқи беҳамто буд ӯ, суханонаш мисли тири мергани моҳир ба ҳадаф мерасиданд. Депутатҳо ба даҳшат афтода буданд. Касе Шерализодаро то он рӯз чунин надида буд. Одами хирадманду ором, акнун мисли оташ дар толор аланга афрӯхта буд.

Аммо боз ҳам ҷаласа мавқуф гузошта шуд. Кворум ҳосил нагардид.

Депутатҳо ба саҳни ҳавлӣ баромаданд. Суханони Шерализода ҳанӯз дар гӯшҳояшон садо медод, вале касе ҷуръати ҳарфе гуфтан накард. Депутатҳое, ки ин манзараро тасаввур ҳам намекарданд, ба пичир-пичир даромаданд, ҳар кадом бо овози паст чизе мегуфт.

Бо диле пур аз изтироб ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» баргаштам. Дар паси сар, суханони пуршиддати ӯ мисли садои охирон садо медод: «Ба худ оед!».

ОҒОЗИ ФОҶИА: 5.05.1992, СОАТИ 17:20

Баъди соате аз он нутқи таърихӣ, Шерализода ба ман телефон кард. Овозаш ором, вале қатъӣ буд:

- Ба ситод, манзили сеюми Шурои Олӣ биёед. Барои рӯзнома супорише дорам.

Ман аз дари пушти идораи рӯзнома ба саҳни дохилии

Шурои Олӣ баромадам. Гвардияи президентӣ, ки қисман дар Шурои Олӣ қарор дошт, дар такудав буд. Мисли оне, ки як ҷангро интизорӣ мекашиданд. Зери дарахти сада гурӯҳе аз депутатҳо ҷамъ омада буданд. Онҳо, ки то ҳол ба чунин манзара одат надоштанд, паст-паст бо ҳам сухан мекарданд. Чеҳраҳояшон зард, чашмонашон пур аз нигаронӣ буд.

Кӯчаи Орҷоникидзе ноором буд. Гурӯҳҳои мусаллаҳ аллакай мавқеи майдони «Озодӣ»-ро танг мекарданд.

Ман ба ошёнаи сеюм баромадам. Дар штаби Шурои Олӣ Шерализода бо Рашид Олимов суҳбат доштанд.

Чеҳраи ҳарду ҷиддӣ, аммо пур аз изтироб буд. Он вақт овозаҳо мерафтанд, ки Шерализода муовини аввали вазири корҳои хориҷӣ таъйин мешавад.

Шерализода бо ҳамон нигоҳе, ки ҳамеша оромӣ мебахшид, наздам омад:

- Аз редаксия чӣ хабар?

Гуфтам, ки ҳама хуб аст.

- Бачаҳо мукофотпулӣ гирифтанд?

- Бале,- ҷавоб додам.

- Дигарон чӣ?,- ишора ба «Инқилобиён» буд.

- Бале,- гуфтам ва илова намудам, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо ба кор набаромаданд.

Ҳамин дам занги телефон баланд шуд. Ман гӯширо бардоштам. Ҳамсари Шерализода, янгаи Хосият буд. Пурсид, ки Муродуллоҳ, соати панҷуним меҳмон даъват карда буданд, меомада бошанд?

Ман гӯширо ба Шерализода додам. Онҳо масруфи суҳбат шуданд. Ҳамин вақт Рашид Олимов аз утоқ рафт. Ман низ, барои халал нарасонидан ба суҳбат, балконча баромадам.

Аз он ҷо саҳни ҳавлии Шурои Олӣ чун дар кафи даст буд. Майдон аз одам мавҷ мезад. Дар гӯшае аз он аз Совети Олӣ чанд тан мачруҳонро оварда буданд. Нола, гиря, фарёд... ҳама мечӯшид.

Даргирӣ ба авҷ расида буд. Ба утоқ баргаштам. Аммо... Шерализода набуд.

«Шояд касе ба саҳни ҳавлӣ даъват кард,- андешидам. - Эҳтимол супориши оҷил гирифта бошанд».

Мунтазирӣ тӯл накашид. Дақиқаҳо ба оҳистагӣ мегузаштанд. Соатҳои тақрибан 5:20 буд, ки дарро Рашид Олимов боз кард. Рангаш парида буд. Овозаш меларзид:

- Муродуллоҳро парронданд...

Дунё пеши чашмам якбора торик шуд. Ҳама садоҳо - фарёди майдон, ҳуштаккашии тирҳо, пичир-пичири депутатҳо дигар ба гӯш намедаромаданд. Танҳо садои Рашид Олимов дар гӯшам садо медод:

- Муродуллоҳро парронданд...

ЛАҲЗАИ ФОҶИА

Лаҳзае шах шудам. Мисли оне, ки ҷисмам дигар дар фармонам набуд. Пас аз андаке ба худ омадам ва бо тамоми қувват ба саҳни ҳавлӣ давидам. Зери дарахти калони даромадгоҳи ақиби Мачлиси Олӣ ҷасади Шерализода мехобид. Дастонаш ба паҳлу афтода буданд, чеҳрааш ҳанӯз ҳамон оромии маъмулиро дошт, ки ҳамеша медидам. Гӯё хобида бошад. Танҳо доғи сурхи хун, ки қатра-қатра ба замин мечакид, фарёди ҳақиқат мезад.

Касе ба ҷасад наздик намеомад. Хомӯшӣ. Парандае аз дарахт парид ва бошитоб бол зада, аз ҷои фоҷиа ғайб зад.

Муовини прокурори шаҳри Душанбе Қилич Қурбонов бо як муфаттиши ҷавон ба ҷойи ҳодиса омаданд. Дар чеҳраи ҳарду тарс эҳсос мешуд. Зеро аз чор тараф тир меборид.

Тири қотил аз пушт зада, шушро сӯрох карда, аз сари сина берун баромада буд. Онҳо ба ҷойи ҳодиса наздик шуда, ба тартиб додани санад шуруъ карданд. Қурбонов бо овози паст «снайпер» гуфт.

Боз садои паррон-паррон... Садои автоматҳо гӯшхарош буд. Аввал як-ду, баъд борони тир рехт. Гурӯҳе ба дохили бино давиданд, гурӯҳе худро ба замин партофтанд.

Дар чанд сония саҳни ҳавлӣ холӣ шуд. Танҳо ҷасад зери дарахт монд. Ман ҳам худро ба замин партофтам. Борон ба боридан сар кард. Аскарбачае рӯи ҷасадро бо селофан пӯшонид.

Аз паси тирезаҳои қабати сеюми Шурои Олӣ чашмони зиёде метофтанд. Ба назар мерасид, ки ҳама томошобин буданд. Касе ҷуръати берун баромадан намекард.

Фарёд задам:

- Оё касе нест, ки ёрӣ расонад?

Аммо фарёдам зери шил-шили борон ба гӯше нарасид. Дохили бино давидам. Намедонам, кадом дафтари кор буд, ки аз он ҷо ба вазири тандурустӣ Ҷӯрахон Иномов занг задам. Ӯ аз дӯстони марҳум буд. Бо овози хаста гуфт, ки хабар дорад, ду мошини ёрии таъҷилӣ фиристодааст, аммо дар чорроҳаи «Хонаи матбуот» дар ду ҷой барикада сохтаанд, мошинҳо гузашта наметавонанд.

- Илтимос, як чора карда мошини ёрии таъҷилӣ фиристед, - гуфтам.

Дақиқаҳо мисли рӯзҳо мегузаштанд. Баъд аз соате мошини ёрии таъҷилӣ нолакаш ба саҳни ҳавлии Шурои Олӣ ворид шуд.

Бо кумаки ду сарбоз ҷасадро ба мошин бор кардам. Ҳанӯз тирҳо ҳуштак мекашиданд. Борон шиддат гирифт. Гӯё осмон ҳам дар сӯги Шерализода мегирист.

Мошини ёрии таъҷилӣ ба кӯчаи Орҷоникидзе (Бохтар) баромад ва ҷониби чорроҳаи «Хонаи матбуот» гашт. Аз паси тирезаи мошин маълум буд, ки чӣ гуна силоҳбадастон такудав доранд.

Миллати соҳибтамаддун аз сухан ба камон гузашта буд.

ОН ШАБИ ТӮЛОНӢ

Мошини ёрии таъҷилӣ дар рӯ ба рӯи Сирк таваққуф кард. Борон ҳанӯз меборид. Аз тиреза ронанда сари хастаашро бароварда, пурсид:

- Кучо ҳай кунам?



Ман лаҳзае хомӯш мондам. Дар сарам сад хаёл буд. Агар ба хонааш барам?... Ҳамсараш ҳомила аст, мабодо аз фоҷиа сахт тарсида, офате бо тифл рӯй надиҳад? Ба андеша фурӯ рафтам. Ниҳоят, бо овози пасту дардолуд гуфтам:

- Ба бемористони Қарияи Бало... морг.

Кӯчаҳо камодам буданд, танҳо силоҳбадастон рафтуомад доштанд. Аҳён-аҳён ба гӯш садои тир мерасид. Шаҳр саҳнаи хомӯши омодаи ҷангро мемонд.

Дарвозаи моргро баъди кӯфтани зиёд марди кӯҳансоле бо чеҳраи афсурда кушод. Ба дарун ворид шудем. Дар долон бӯйи шадиди дору ва намӣ ҳукмфармо буд. Танҳо ду ҳамшираи шафқат бо чеҳраҳои хаста, вале пурдард он ҷо буданд. Онҳо ба ман ва сипас ба мошин нигаристанд.

Онҳо аллакай медонистанд, ки дар дохили мошин чист.

Занбарро оварданд, ҷасадро берун кашида, ба он бор карданд ва сардхона бурданд. Сипас як-як либосу анҷоми мурдаро аз назар гузаронида, рӯйхат карданд. Аз миёнаш туфангчаи «Макаров»-ро берун оварданд. Тирдонаш пур буд. Андаке қувват гирифтам: «Агар касе қасди нобуд кардани ҷасад кунад, ҳадди ақал метавонам муқобилият нишон диҳам...».

Ба ҳамшира рӯй овардам:

- Телефон ҳаст?

Ӯ маро ба утоқе бурд. Дар гӯшаи девори намнок телефони сиёҳи кӯҳна овезон буд. Қаблан шояд чандин дасти изтиробӣ ин гӯширо бардоштаанд, ҳоло навбати ман расида буд. Аввал ба редаксия занг задам. Хомӯшӣ. Танҳо садои хушки «тут-тут» гӯё нафаси охирини умедро эълон мекард. Баъдан ба дӯстон ва наздикони Шерализода занг задам. Ҷавобҳо яксон, мисли як матни такрорӣ буданд:

- Берун баромадан хатарнок. Ҳама ҷо силоҳбадастон.

На, наметавонам биёям...

Гӯё шаҳр ба зиндоне табдил ёфта буд, ки ҳар кас дар чор девори хонааш маҳбус аст.

Дар ниҳоят ба Абдурашид Қаҳҳоров, бочаи Шерализода занг задам. Овозаш хаста ва ғамзада буд:

- Ҳоло бо Санавбар дар фикрем, ки фоҷиаро чӣ гуна ба Хосият фаҳмонем... метарсам, ки тоб наорад.

Ман хомӯш мондам. Калимае барои тасаллӣ набуд. Он шаб бо изтиробу танҳоӣ мегузашт. Ҳавлӣ торик, деворҳо сарду хомӯш. Қадамҳои ман дақиқаҳои вазнин ва сангини шабро ҳисоб мекарданд. Торикӣ, тарс ва танҳоӣ ба ҳам омехта буданд, гӯё Азроил дар ин биное, ки мурдаҳоро ҷамъ оварда буданд, сайругашт мекард.

Сояи ман зери чароғҳои заиф гоҳ дароз мешуд, гоҳ кӯтоҳ, мисли нафаси як бемори дар ҳоли сари сакарот. Ҳар гоҳ шамол баргҳои дарахт ё пардаи тирезаро ба ҷунбиш меовард, ман даст ба туфангча мебурдам. Он пораи оҳан, он «Макаров»-и хомӯш ягона ҳамсуҳбати ман буд. Гӯё ба ман мегуфт: «Ту танҳо нестӣ. Агар биёянд, ман ҳам бо туям».

Дар он соатҳо ман бо худам суҳбат мекардам:

- Агар ҳамла шавад... агар ҷасадро бибаранд... ман ба ин роҳ намедиҳам. То нафаси охир мечангам.

Вале ҳеҷ кас наомад. Ҳеҷ кас напурсид. Хомӯшии шаб сахттар аз садои тир буд. Он шаб мисли абадият тӯл кашид. Ҳар сонияш дарозтар аз як рӯз буд. Ва ман медонистам: ин тӯлонитарин шаб дар зиндагии ман аст.



(Муфассал аз китоби «ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД» мутолиа кунед).



СУЛФАИ ХУШК ВА ХАТАРИ ОН

Ангезандаҳои асосии бемориҳои шамолкашии мавсимӣ вирусҳо буда, сабабгори маҳкам шудани роҳҳои нафас ва пайдо шудани сулфа мегарданд. Аз ин рӯ, зукоми мавсимӣ сабаби маъмултарини сулфаи шадид буда, беш аз се ҳафта давом намекунад.

СУЛФАРО ТАБОБАТ КУНЕМ?

Сулфа аксуламал ё нишонаи мубориза бурдани ҷисми солим бо беморӣ аст. Аз ин рӯ, табобати сулфа кори ҳатмист. Фаромӯш набояд кард, ки дар баъзе ҳолатҳо сулфа нишонаи бемориҳои ҷиддӣ ба шумор меравад. Дар сурати фориғболӣ намудан сулфаи сироятӣ метавонад боиси бемор шудани тамоми роҳҳои нафас гардад. Сулфаи шадид (хусусан шабона) баъзан боиси бад шудани ҳолати инсон мегардад. Ниҳоят, сулфаи шадид метавонад ба мушкилоти гуногун, аз ҷумла заифӣ, гум шудани иштиҳо, қайкунӣ, дарди сар, дарди шикам, пешобро дошта натавонистан ва шикастани қабурғаҳо, кафидани мушакҳо, беҳушшавӣ, халалдор гаштани кори дил оварда расонад.

СУЛФАРО ЧӢ ГУНА ПЕШГИРӢ КУНЕМ?

Барои пешгирӣ намудани сулфа ҷисми худро обутоб дода, аз ҷойҳои серодам дурӣ ҷуста, бо намакоб даҳонро чайқонидан лозим аст. Ҳамзамон пӯшидани ниқоб ва шустани дастонро фаромӯш накунед. Аз рӯи нишондоди табиб доруворихои зиддивирусиро истеъмол намуда, ҷараёни табобатро тезонидан мумкин аст. Бо мақсади пешгирӣ аз сулфа ҳамарӯза ҳавои утоқҳои худро тоза карда, бо латтаи тар ҷиҳози хонаро пок ва рубӯчин намоед.


КАДОМ ВИТАМИНҲО ДАР ЗИМИСТОН ЗАРУРАНД?

Дар фасли зимистон меваву сабзиҷоти тару тозаро дастрас кардан душвор аст, бинобар ин, ҷисми инсон аз норасоии витаминҳо азият мекашад. Аз ҳамин сабаб саломатӣ бад шуда, мо ба пурхӯрӣ роҳ медиҳем. Зеро ҷисми инсон барои дастрас намудани моддаҳои даркорӣ ҳатто аз хӯроки бевитамин низ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Аз ҳамин ҷо сар мезанад эҳсоси рӯҳафтодагӣ ва инсон бештар ба гирдоби яъсу ноумедӣ ғӯттавар мегардад.



ДАР РӮЗҲОИ САРДИ ЗИМИСТОН ҲАТМАН ИСТЕЪМОЛ НАМОЕД:

ВИТАМИНИ А. Бар замми он ки витамини А нури чашмро ҳифз менамояд, боз хусусияти зиддиилтиҳобӣ дошта, муқовимати ҷисмро нисбати вирусу бактерияҳо пурзӯр месозад. Миқдори кофии витамини А масунияти баданро баланд бардошта, ҳолати инсонро ба эътидол меорад ва нерӯ мебахшад. Ҳангоми истеъмол намудани помидор, марҷумак (гречневая крупа), гӯшт, маҳсулоти ширӣ ва тухм дар фасли зимистон ҳолати пӯст беҳтар мегардад. Ин маҳсулот ҷигарро низ тақвият мебахшанд.



ВИТАМИНИ С. Ҳолати масуниятро муътадил нигоҳ медорад. Дар сурати норасоии витамини мазкур инсон хоболуд, камқувват мегардад ва паст шудани масуниятро эҳсос мекунад. Ҳамзамон хастагӣ, заифӣ, рӯҳафтодагӣ, дарди буғумҳо ва ҳатто хунравии ворахо бо сабаби кам будани витамини мазкур сар зада метавонад. Бештар смородинаи сиёҳ, карам, хуч (шиповник) ва лиму истеъмол кардан лозим аст.

ВИТАМИНИ D. Витамини мазкур барои мустаҳкамии устухон ва дандонҳо муҳим аст. Барои рафъи мушкилоти мазкур ба хӯроки худ бештар моҳиҳои навъи равғанин, тухм, равғани растанӣ ва маска, маҳсулоти баҳрӣ, маҳсулоти турши ширӣ илова кунед.

ВИТАМИНИ Е-ро дар илми тиб витамини зебоӣ мешуморанд ва он барои мубориза бурдан бо стресс лозим аст. Бо шарофати витамини мазкур мағзи сар аз оксиген шодоб гардида, асабҳо мустаҳкам ва ақл равшан мегардад. Миқдори бештари витамини Е-ро аз таркиби карами брокколи, тухм, сабзӣ ва ҷигар дастрас карда метавонед.

ВИТАМИНИ В. Мубодилаи карбогидратро ба эътидол оварда, асабро тақвият мебахшад ва рӯҳафтодагиро пешгирӣ менамояд. Барои солимии асаб аҳамияти хоса дошта, пиршавии бармаҳалро пешгирӣ менамояд. Норасоии витамини мазкурро аз бад шудани ҳолати пӯст, обравии чашмон ва кафидани лабҳо фаҳмидан мумкин аст. Барои рафъи чунин камбудиҳо бештар марҷумак (гречка), нахӯд, чормағз, лаблабу ва ҷигар истеъмол бояд кард.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи хубест барои мустаҳкам сохтани муносибатҳои ошиқона. Ҳамзамон барои барпо намудани тӯйи арӯсӣ низ бобарор аст. Нафарони муҷаррад бахти худро ҳангоми сафар пайдо карда метавонанд. Ба танқиду эроди атрофиён диққат надиҳед.



Савр
21.04 - 21.05

Нимаи аввали ҳафта саломатиятон нохуб гашта, дар ҷойи коратон мушкилӣ эҳтимол дорад. Барои иҷро намудани корҳои ҳаррӯза қуввататон намерасад. Сабаб дар шамолкашӣ ё гирифтори бемориҳои инфексионӣ шуданатон аст.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Нимаи аввали ҳафта барои муносибатҳои ошиқона ва дӯстона чандон мусоидат намекунад. Муноқиша бо яке аз дӯстон ба муносибатҳои ошиқона низ таъсир мерасонад. Ҷавзоҳои оиладорро мушкилоти фарзандон сер-ташвиш месозад.



Саратон
22.06 - 23.07

Нимаи аввали ҳафта дар муносибат бо наздикон нофаҳмӣ имкон дорад. Бо сабаби серкорӣ барои рафъ намудани мушкилоти оилавӣ вақт пайдо карда наметавонед. Наздикон аз дурии шумо норозӣ мешаванд ва дар коргоҳ аз шумо талаби зиёд мекунанд.



Асад
23.07 - 22.08

Нимаи аввали ҳафта сер-ташвиш меояд. Бо сабаби мухолифати назарҳо муносибататон бо баъзеҳо вайрон мегардад. Нимаи дуюми ҳафта муносибататон бо атрофиён вайрон мегардад. Нисбати фарзандон сабру таҳаммулро пеша намоед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Нимаи аввали ҳафта мушкилоти пулӣ сар мезанад. Меҳнати зиёд мекунед, вале маблағи хуб ба даст оварда наметавонед. Нафароне, ки мошин доранд, эҳтимоли вайрон шудани он вучуд дорад. Диққати хосаи худро ба масъалаи бехатарӣ равона созед.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта бароятон душвор меояд. Мустақилона амал намуда, нуқтаи назари наздикон ва шарикони кориро ба инобат гирифтан намехоҳед. Нияту нақшаҳоятонро наздикон дастгирӣ намекунанд. Қабл аз сари қарори муҳиме омадан, оқибаташро андеша намоед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта дар корҳоятон баъзе монеаҳо сар мезананд. Тамоми кӯшишҳоятон барои ислоҳ намудани вазъият бенатиҷа анҷом меёбанд. Агар шумо зуд-зуд гирифтори яъсу ноумедӣ мегашта бошед, эҳтимоли хурӯҷ намудани ин мушкили равонӣ дар назар аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Нақшаву ниятҳое, ки нимаи аввали ҳафта доштед, куллан тағйир ёфта, миёнаи ҳафта вазъият ба таври дигар сурат мегирад. Воқеаҳои асосии ҳафта бо дӯстонатон алоқамандӣ доранд. Муноқишаҳои шадиде имкон доранд, ки боиси қахриву ногап шуданатон мегардад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта захмати зиёд кашиданатон лозим меояд. Покизакорӣ ва меҳнатдӯстӣ самараи нек медиҳад. Барои табобати бемориҳо ва аз ташхис гузаштан рӯзҳои мусоид фаро мерасанд. Ҳафтаи хубест барои дурӣ ҷустан аз доираи нафарони бароятон ногувор.



Далв
21.01 - 19.02

Мушкилиҳои сарзада роҳи ҳалли худро меёбанд, шумо ташвиши зиёд намекашед. Фаъолнокӣ ва рафтору одоби ҳамида дарҳои зиёдеро бароятон боз мекунанд. Барои он ки маълумоти муҳимеро фаромӯш накунед, онро дар ҷое сабт намоед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ин ҳафта бояд саломатии худро дар ҷои аввал гузоред. Бо вучуди бемор набуданатон аз пайи пешгирӣ намудани бемориҳо шавед. Хонаву дари худ ва чиҳозатонро аз чашми дуздону ҳаннотон эҳтиёт кунед. Ба хабари тасодуфан шунидаатон диққат диҳед.

«ТОҶИКИСТОН» ДАР МИСР

Дар шаҳри Қоҳираи Ҷумҳурии Арабии Миср маҷаллаи «Тоҷикистон» ба забони арабӣ нашр гардид. Дар ин хусус аз Сафорати Тоҷикистон дар Қоҳира иттилоъ медиҳанд.

Маҷаллаи «Тоҷикистон» бо ибтикори Сафорати Тоҷикистон дар Қоҳира дар ҳамкорӣ бо рӯзноманигорони мисрӣ бо сифати баланд чоп гардидааст.

Аз Сафорати Тоҷикистон дар Миср хабар медиҳанд, ки "маҷаллаи мазкур, ки аз 52 саҳифа иборат буда, бо ибтикори Сафорати кишварамон дар Миср дар ҳамкорӣ бо рӯзноманигорони мисрӣ бо сифати баланд дар коғази ранга чоп шудааст, ба муаррифии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат, таъриху фарҳанги тоҷикон, имкониятҳои сармоягузорӣ ва ҷозибаҳои сайёҳии кишвари мо барои мардуми Миср ва дигар кишварҳои ҷаҳони араб ихтисос ёфтааст".

Коршинос Саъдӣ Ворисов ба ин маҷалла чунин баҳо додааст:

"Шумораи нави "Тоҷикистон" рӯйи чанд нукта тамаркуз дорад:

1. Муаррифии кишвар барои мисриёну арабзабонон;


2. Маълумот дар бораи дипломатияи об ва ибтикорҳои ҷаҳонии Ҷумҳурӣ.

3. Фаъолиятҳои Сафорати ҶТ дар Қоҳира;

4. Гузаштаву имрӯзи муносибатҳои Тоҷикистону Миср;


5. Иқтидори сайёҳӣ ва ҷозибаҳои гардишгарии Тоҷикистон ва ғайра.

Маҷалла бо кайфияти баланд ва дархӯри мақоми миссияи дипломатӣ таҳия ва чоп шудааст. "Тоҷикистон" ҷилодор, ранга ва маҷаллаест, ки агар бе хондани матн ҳам онро варақ занӣ, таассуроти муфиду муаррифии мухтасаре аз кишвар дар зеҳн эҷод мекунад".



ЁДНОМАИ КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

"Ёдномаи Кароматуллоҳи Мирзо" - маҷмӯаи сӯгнома, меҳрнома, мақола ва ёддошту мусоҳибаҳо дар бораи Нависандаи халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, равоншод Кароматуллоҳи Мирзо ба нашр расид.



Китоби мазкур аз ҷониби рӯзноманигор ва пажӯҳишгар Одил Нозир гирдовариву мураттаб шуда, бо ҳиммати фарзандони нависанда – Иқбол, Парвиз ва Фирӯз аз ҷониби нашриёти "Меҳроҷ Граф" дар 16 ҷузъи чопӣ (256 сафҳа) ва бо теъдоди 500 нусха ва бо сифати баланд ба нашр расид. Муҳаррири китоб рӯзноманигори шинохта Синои Холиқ аст.

Ин маҷмуа асосан иборат аз сӯгнома, меҳрнома, марсия ва ёддоштҳое аст, ки пас аз даргузашти нависанда таълиф ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои хабарӣ ва матуботи даврӣ чоп шудаанд. Илова бар инҳо, тасмим гирифта шуд, ки чанд такризу мақола ва мусоҳибахое, ки солҳои охир дар бораи асарҳои нависанда дар рӯзномаву маҷаллаҳо нашр шуда буданд, шомили ин китоб карда шаванд, то хонанда дар бораи устод Кароматуллоҳи Мирзо ва осори гаронарзиши ӯ шинохти бештаре пайдо кунад. Ҳамчунин, солшумори зиндагӣ, китобнома, рӯйхати филмҳо ва намоишҳои театрӣ, ки аз рӯйи асарҳои нависанда таҳия гардидаанд, ба маҷмӯа илова шуданд, ки онҳо низ барои шинохти бештари нависанда аз манфиат холӣ нестанд ва ба пажӯҳишгарони осори устод Кароматуллоҳи Мирзо ёрмандӣ хоҳанд кард.

МАРД НАМИРАД БА МАРГ...

22-юми ноябри соли 2025 қалби яке аз чеҳраҳои дурахшони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ҷавонмарди меҳрубону хоксор, корманди мақомоти Прокуратура Аминзода Мирзо Хайбар дар синни 63-солагӣ аз тапидан бозмонд.



Аминзода Мирзо Хайбар соли 1962 дар деҳаи Артучи шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёнаи рақами 18-и ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, соли 1979 ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) супорид. Пас аз хатми донишгоҳ солҳои тӯлонӣ дар сохторҳои мухталифи мақомоти Прокуратураи кишвар кору фаъолият дошт.

Шодравон Мирзоалӣ Аминзода дар мақомоти прокуратура дар минтақаҳои мухталифи кишвар, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри бостонии Кӯлоб ва инчунин дар мақомоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар вазифаи прокурори ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе кору фаъолият дошт. Солҳои охир дар Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро идома медод.

Мирзоалӣ Аминзода нав ба синни пайғамбарӣ, яъне 63-солагӣ расида, бояд ба нафақа мебаромад ва давлати пирӣ меронд, аммо афсӯс, ки аҷал имкон надод. Аз рӯйи нақли пайвандон, ӯ субҳи барвақт чун ҳамеша аз хоб бархоста, риш гирифта, либосҳоро пӯшида ва ҳатто галстукро баста, ба кор рафтанӣ мешавад, вале ногаҳон бемор шуда, ҷон ба ҷонофарин таслим мекунад.

Мирзоалӣ Аминзода шахсияте буд, ки тамоми умри худро дар хизмати давлат ва халқ гузаронид. Ба қавли ҳамкоронаш, фарзанди содиқ ва сарсупурдаи Ватан буд. Садоқат ба давлат, садоқат ба халқ ва садоқат ба қонун шиори асосии эшон буд. Шахсе буд басо хоксор, поквиҷдон, меҳнатдӯст ва масъулиятшинос.

Полковник Аминзода Мирзо Хайбарро рӯзи якшанбе, 23-юми ноябри соли 2025 дар зодгоҳаш, деҳаи Артучи шаҳри Панҷакент ба хок супориданд.

Мард намирад ба марг,
марг аз ӯ ком ҷуст,
Ном чу ҷовид шуд,
мурданаш осон куҷост.

Х. ҶУМЪАЗОДА

МАВЛУДНОМА

27 НОЯБР

Аскар Абдусамадов (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист, нависанда.

Савлат Алиева (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Илҳом Тоиров (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

28 НОЯБР

Мухтор Абдураҳмонов (1935), 95-солагии зодрӯзи муҳандис, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Одил Исломӣ (1945-1996), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Владимир Мамонтов (1930), 95-солагии зодрӯзи ҳунарманд ва рассоми театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

29 НОЯБР

Владимир Каримов (1950), 75-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Ховаҷӣ Муҳаммадмирзоев (1910-1944), 115-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

30 НОЯБР

Пӯлод Абуев (1945-2016), 80-солагии зодрӯзи нависанда, публитсист.

Пётр Обносов (1905-1983), 120-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ (1950-1961, Котиби дуюми КМ ПК Тоҷикистон).

1 ДЕКАБР

Сано Акрамов (1935), 90-солагии зодрӯзи мутарҷим (немисӣ).

Абдуманон Олимов (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Усмон Расулов (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

2 ДЕКАБР

Иван Зорин (1910-2001), 115-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Муҳаммадкарим Менлашев (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Иван Разволяев (1915-1981), 110-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1173529, ба номи Мусофиров Шарифхон, ки соли 2023-2024 аз ҷониби МТМУ №101-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Зокиров Зафар Рафиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи 3-юм гузаргоҳи Н. Ҳувайдуллоев (Ломоносов), хонаи 4, ҳ. 16, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Зокиров Зафар Рафиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Э. Шарипов, хонаи 14, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Мамарауфова Мунаввар, РЯМ: 0730227841, РМА: 075611705, ки аз 19.03.2023 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Мебели Рачаббой", №0268272, РЯМ: 0110028802, РМА: 010105288, санаи судур 24.10.2022, Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Содиқов Насимҷон Неъматҷонович, №0633760, РЯМ: 0430362726, РМА: 097162468, санаи судур 01.02.2024, Нозироти андоз дар н. Сино, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбӣ, ҶТ №0078414, аз 15.08.2022, ба номи Одинаев Умеджон Таирович, ки аз Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳри ТҶҶ "Дасти Пурнур", РМА: 040058917, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Мирзоева Идимо Мирзомиддиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, 1 гузаргоҳи Айнӣ, хонаи 70, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Корти гурезагии шаҳрванди Афғонистон ба номи Факиряр Шакиба, ки санаи 23.09.2025 аз ҷониби ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Корти гурезагии шаҳрванди Афғонистон ба номи Факиряр Марва, ки санаи 23.09.2025 аз ҷониби ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 8, АN№489493, ба номи Шоева Нигина Сафарҳоновна, ки соли 1990 аз интернати №1-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №0005659, ба номи Юсупов Рустам Ҳакимҷонович, ки соли 2000-2001 аз ҷониби МТМУ №91-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ, силсила "I" №0258908, ба номи Раҳимов Хуршед Бекназарович, ки аз 24.07.2017 аз ҷониби ФТЭК дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

Finance Assistant, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 30176/NPSA-5), Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 8 December 2025, 23:59 NY Time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

МӮМИЁИ ФАЙЗОБОД

(Аввалаш дар саҳ. 16)

- Брат, ин мумкин нест. Ман барои ту шуда аз марзи Афғонистон гузашта, мӯмиёи Файзобод овардам. Бояд зуд ба Хоруғ баргардем, касалҳо мунтазиранд...

Сержант Каракул шариконаш, ҳамаи гумрукчиёнро ҷамъ карда гуфт, ки то охири асри 21 дар ин шоҳроҳ бароям роҳ кушода аст...

Базӯр аз зиёфати Каракул халос шудем. Дар Оқбайтал устод Қурбониддин сирри мӯмиёи Файзободро пурсид.

Ман дар ошхонаи Каракул 5 километр то дидбонгоҳи Саритош аз ошпаз 5 кошуқ қаҳваи сиёҳ гирифта, бо 20 дона доруи "Пенталгин" кӯфта тайёр кардам. Рангаш аз мӯмиё тафовут надошт. 20 дона "Пенталгин" шадидтарин дардро дармон мебахшад...

Бо ҳамин Карокул моро ҳар дафъа бо карнаю сурнай истиқбол мегирфт ва бо доира гусел мекард...

Инаш ба хайр. Баъди Каракул ба сардори гумруки Маргансу полковник Умразоқ санги нодиртарини Бадахшонро туҳфа кардам. Ин санг ҳоло дар осорхонаи Стокголм маҳфуз аст...

Соли 1994 як километр дур аз дидбонгоҳи Маргансу ёдам омад, ки ба полковник Умразоқ санги нодири Бадахшон ваъда кардам. То омадани Умразоқ аз таги по санги ҷилодори тилорангро гирифта дар коғаз печондам. Умразоқ сангро дида, нархашро пурсид.

- Ҷӯра, дар Бадахшон дандони сағуру нархи сангро намепурсанд. Ин хосияти ганда бад дорад. Ҳамзамон, дӯстии мову шумо нарху наво надорад. Бовар кунед, мо ҳатто вақти хостгорӣ дар ивази Хоннигоҳ (Хоникей, зани Манас) ягон сар асп талаб накардем...

Полколвник Умразоқ сангро ба раисаш генерал Темурбой туҳфа кардааст. Генерал онро ба домодаш ҳадя кардааст. Домодаш сангро ба осорхонаи Стокголм фурӯхтааст...

Вале то ҳол ягон кас намедонад, ки ин санги муқаррарии Бадахшонро аз таги поям гирифта додам...

Наҷмиддини ШОҲИНБОД



ҶУДО

КОМЁБИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДУ МУСОБИҚАИ БУЗУРГ

Дар ҳафтаи гузашта паҳлавонони Тоҷикистон дар ду мусобиқаи бузурги ҷудо ба хазинаи варзиши кишвар дастовардҳои шоёне ворид карданд.





Дар Asian Open Hong Kong 2025, ки 22-23-юми ноябр баргузор шуд ва 154 паҳлавон аз 18 кишварро ҷалб кард, дастаи Тоҷикистонро се варзишгар муаррифӣ карданд. Дастоварди муҳим насиби Александра Кан буд, ки дар вазни 57 кг нишони биринҷӣ ба даст овард. Ин аввалин дастоварди байналмилалии касбии ӯст, ки барояш 50 имтиёзи олимпӣ оварад. Дар вазни 73 кг Магомед Фармонбеков дар ҷои ҳафтум қарор гирифт. Виктория Киселева (+78 кг) дар даври аввал аз Энҳменд Ҷаргалмааи муғул мағлуб шуд.

Ҳамзамон, Ҷоми Осиё байни ҷавонон дар Душанбе ба анҷом расид. Дар рӯзи аввал варзишгарони тоҷик маҷмуи назарраси нишонҳоро ба даст оварданд. Инҳо нишони тилои Ёсин Бобокалонов (66 кг) ва Бинёмин Назиров (73 кг), нишони нуқраи Шокир Ғаюбов (60 кг) ва Абдуллои Ориф (73 кг), инчунин нишонҳои биринҷии Рамзиддин Азизов ва Умар Раҳимзода (60 кг), Искандар Маҳмадҳочазода (66 кг) ва Ворис Назаров (73 кг) дар байни писарон ва нишони нуқраи Нушин Ҷумъаева (48 кг), нишони биринҷии Марям Назарова (48 кг), Райҳона Розиқзода (52 кг) ва Раҳмия Ханҷарбекова (57 кг) дар байни духатрон буданд.

Дар рӯзи дуюм дастаи Тоҷикистон ба натиҷаи боз ҳам назаррастар ноил гардид. Зикриалло Шарипов (81 кг) ва Панҷшер Муминов (90 кг) чемпион шуданд. Аминҷон Абдуҷалилзода (81 кг) ва Ардашери Ҳамза (90 кг) нишони нуқра гирифтанду Муҳаммадҷон Юсупов (81 кг), Абдуқодир Элмуродов, Зикриё Одиназода (ҳарду 90 кг), Эмомалӣ Қурбонов, Шоҳрух Умаров (ҳарду 100 кг), Абдуллоҷон Бобоев ва Шоҳмирхурд Бурҳонзода (ҳарду беш аз 100 кг) нишони биринҷӣ гирифтанд.

UFC

ПИРӮЗИИ РАЗМИКОРИ ТОҶИК НУРУЛЛО АЛИЕВ ДАР UFC FIGHT NIGHT 265

Размикори тоҷик Нурулло Алиев (11-0-0) пас аз осебе, ки дошт, дубора қавӣ баргашт ва пирӯзии навбатиро дар UFC соҳиб шуд. Дар шаҳри Давҳаи Қатар дар мусобиқаи UFC Fight Night 265 Алиев бо Шем Рок (12-2-1) аз Британиёи Кабир нерӯ санҷид.



Нурулло Алиев аз сонияҳои аввал ба пеш ҳамла бурд ва ракибро водор кард, ки ақиб нишинад. Дар миёнаи даври аввал, ҳангоми ҳамлаи тӯлонӣ, ӯ чанд маротиба бо дасти чап ба чоғи Рок зарба зада, ӯро сахт ларзонд, аммо британиёӣ тавонист дар клинч худро наҷот диҳад. Даври дуюм низ асосан бо бартарии Алиеви 25-сола гузашт. Ӯ зарбаҳои ҳадафрас дошт ва имтиёзҳои лозимаро аз ҷониби доварон касб намуд. Дар даври сеюм ҳарду лаҳзаҳои хатарнок сохтанд, аммо амалӣ карда натавонистанд. Умуман, ин давр барои Роки 32-сола бехтарин буд, вале ин кофӣ нашуд, то ӯ ғолиб шавад. Пас аз анҷоми рақобат ҳамаи доварон бо ҳисоби 30:27 пирӯзиро якдилона ба Нурулло Алиев доданд.

Ҳамин тавр, Алиев рекорди худро дар муҳорибаи омехта то 11-0 (UFC 3-0) беҳтар кард. Ӯ дар аввалин рақобати худ дар UFC 26-уми феврали соли 2023 дар Невадаи ИМА бар Рафаел Алвес аз Бразилия ғалаба карда буд. Дар рақобати дуюм 26-уми январи соли 2025 дар шаҳри Лас-Вегаси Амрико дар мусобиқаи UFC Fight Night 249 бар Ҷо Солеккии (13-6) мизбон бо қарори якдилонаи доварон пирӯз шуда буд.

БОЗИҲОИ ҲАМБАСТАГИИ ИСЛОМӢ

ТОҶИКИСТОН БО 6 НИШОН ДАР ЗИНАИ 28-УМ ҚАРОР ГИРИФТ

Дастаи миллии Тоҷикистон ширкати худро дар Бозиҳои 6-уми ҳамбастагии исломӣ ба анҷом расонд. Варзишгарони Тоҷикистон дар ин мусобиқа, ки дар Риёз, пойтахти Арабистони Саудӣ, баргузор шуд, шаш нишон ба даст оварданд.



Маросими расмии пӯшидашавии Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ-2025 дар Риёз баргузор шуд. Пас аз мусобиқа маълум шуд, ки варзишгарони Тоҷикистон се нишони нуқра ва се нишони биринҷӣ ба даст оварданд. Ин дастаро дар ҷадвали нишонҳо дар ҷойи 28-ум қарор дод. Дар зимн, Туркия аввал (72-44-39), Ӯзбекистон дуюм (29-35-32) ва Эрон сеюм (29-19-33) шуданд. Дар маҷмуъ варзишгарони 42 кишвар нишон ба даст оварданд.

Дар ҳайати дастаи Тоҷикистон ҷудокорон Темур Раҳимов (+100 кг) ва Мадина Қурбонзода (52 кг), паҳлавони кушти озод Абдулмаҷид Кудиев (65 кг) нишони нуқра ба даст оварданд. Саъдӣ Исмоилов дар тенниси рӯи миз, Ҷаҳонгир Маҷидов дар ҷудо (100 кг) ва Абубакр Шеров (73 кг) низ дар ҷудо нишони биринҷӣ гирифтанд.

Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ аз 7 то 21-уми ноябр дар Риёз баргузор шуд. Ҳайати Тоҷикистон аз 134 кас иборат буд, ки 69 каси онҳо варзишгар, дигарон мураббиҳо ва кормандони кумитаҳо, федератсияҳо ва дигар созмонҳо буданд. Варзишгарони тоҷик дар 12 намуди варзиш, аз ҷумла ҷудо, таэквандо, кураш, варзиши сабук, вазнбардорӣ, тирпарронӣ, тенниси рӯи миз, бокс, куштии озод ва мусобиқаҳои паралимпӣ рақобат карданд.

ҚАИҚРОНӢ

9 НИШОНИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

Варзишгарони Тоҷикистон дар Чемпионати қаиқронии Осиё дар марафон байни калонсолон, ҷавонон ва наврасон ба гирифтани 5 нишони тило, 1 нишони нуқра ва 3 нишони биринҷӣ даст ёфтанд.

Мусобиқа рӯзҳои 21-22-юми ноябр дар Ҳонконги Чин доир гардид. Аз Тоҷикистон дар байни калонсолон дар масофаи 3 400 метр аз каноэи якнафара Шаҳриёр Даминов нишони тило, Амирҷон Бобоҷонов нишони биринҷӣ, дар масофаи 16 800 метр аз каноэи якнафара Шаҳриёр Даминов нишони нуқра ва Амирҷон Бобоҷонов нишони биринҷӣ гирифтанд.

Байни ҷавонони то 23-сола дар масофаи 3 400 метр ва 13 000 метр дар каноэи якнафара Бобоҷон Бобоҷонов 2 нишони тилоро ба даст овард. Байни наврасон дар масофаи 3 400 метр дар намуди каноэи якнафара Муҳаммадӣ Раҷабов нишони тило, Фирдавс Шарипов нишони биринҷӣ ва дар масофаи 1 000 метр дар намуди каноэи якнафара Муҳаммадӣ Раҷабов нишони тилоро барои Тоҷикистон соҳиб шуданд.

РЕЗААХБОР



Паҳлавони тоҷик Темур Раҳимов дар Лигаи чемпионҳои ҷудои Аврупо миёни бошгоҳҳо дар соли 2025 нишони нуқра гирифт. Лигаи чемпионҳои ҷудо дар шаҳри Белгради Сербия доир гашт ва Темур Раҳимов дар вазни +90 кг дар ҳайати тими "Ред Стар"-и Сербия ширкат варзид. Дар финали мусобиқа "Ред Стар" бо "ПСЖ"-и Фаронса рақобат карда, бо ҳисоби 4:2 мағлуб шуд. Темур Раҳимов дар финал дар вазни +90 кг бар Алишер Юсупови ӯзбек пирӯзӣ ба даст овард.

***

Дар ФФТ маросими қуръакашии қисми ниҳоии Чемпионати Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи дуюм баргузор шуд, ки ҳашт даста ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Мусобиқа аз 26-уми ноябр то 3-юми декабр дар Душанбе баргузор мешавад. Ба гурӯҳи «А» «Меҳргон» (Нуробод), «Шоҳмансур» (Душанбе), «Локомотив» (Душанбе) ва «Ҷилликӯл» (Дӯстӣ), ба гурӯҳи «Б» «Гулистон» (Гулистон), «Помир» (Хоруғ), «Спитамен» (Спитамен) ва «Рахш» (Восеъ) шомил шуданд. Дар марҳилаи гурӯҳӣ дастаҳо дар як давра бозӣ мекунанд. Сипас дудастаӣ ба даври баъдӣ роҳ меёбанд, ки онҷо ҷуфтҳои ниманиҳоиро ташкил медиҳанд.

***

Дастаи "Нефтчӣ"-и Фарғона бо роҳбарии мутахассиси тоҷикистонӣ Виталий Левченко пеш аз муҳлат унвони чемпионии Суперлигаи Ӯзбекистонро дар соли 2025 ба даст овард. «Нефтчӣ» дар бозии ҳалкунанда дастаи "Қизилқум"-ро бо ҳисоби 4:1 шикаст дод. Дар хабар аст, ки дар Фарғона ин дастоварди даста ҷашн гирифта шуд ва ба Виталий Левченко хона туҳфа карда шуд.

***

Дар раддабандии нави FIFA, ки 19-уми ноябр нашр шуд, дастаи мунтахаби Тоҷикистон як зина боло рафт. Тими футболи Тоҷикистон бо 1224,93 имтиёз ҳоло дар ҷойи 101-ум қарор дорад. Моҳи ноябр дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 як бозӣ анҷом дод, ки дар он Тимори Шарқиро бо ҳисоби 5:0 мағлуб кард. Тоҷикистон дар байни дастаҳои Осиё дар мавқеи 17-ум қарор дорад.





МӮМИЁИ ФАЙЗОБОД

ва Санги нодири осорхонаи Стокголм

Ҳамкории эҷодӣ, тиҷоратӣ ва касбии мо бо журналист ва олими шинохта Қурбониддин Аламшоев аз соли 1981 сар шуд. Ман аввалин латифаашро “Адиб он чунон қаламаш тез буд, ки тамоми баданашро хуншор кард” дар нашри ҷашнии “Бадахшони Советӣ” чоп кардам. Аммо баъдан фаъолияти 26-солаи ҳамкории мо ба театри воқеии ду эҷодкор, ду шаҳрванд, ду “Тоҷики нав”, ду танзнависи давр идома ёфт. Ҳоло ҳикояте аз силисилаи танзии “Ашнаа Тоҷик” чун туҳфа ба зодрузи Қурбониддин нақл мекунам...

Мо хислтан қариб ба ҳамдигар муқобил будем. Қурбониддин дар умраш ягон бор дурӯғ намегуфт. Ман дар умрам ягон бор рост намегуфтам...

Зимистони қаҳратуни соли 1994 буд. Мо бо устод Қурбониддин дар назоратгоҳи гумрукии марз бо Қирғизстон дар мавзеи Саритош дармондем. Гумрукбони қирғиз бо як овоз тамоми моли автомашинаи моро мусодира кард. Он вақт сержанти хурдтарини қирғиз ин ҳуқуқро доро буд. Се соати ҳунари дилёбии ман дар вагончаи гумрук барабас рафт. Вале баъди даҳ дақиқа ман аз вагонча баромада, ронандаамонро, ки қариб беҳуш буд, ҷеғ зада, ҳуҷҷатҳояшро ба дасташ додам. Мо роҳамонро сӯи Хоруғ идома додем. Устод Қурбониддин гуфтанд, ки зудтар, бе хунрезӣ ҳал шудани масъаларо фаҳмонам.

- Устод, марзро аввал убур карда ба ҳудуди Тоҷикистон гузарем...

Дар кутали Оқбайтал, ки аллакай ҳудуди Тоҷикистон буд, ба ронанда ва Қурбониддин гуфтам, ки барои ин сержант ман дар бозгашт мӯмиёи Афғонистон оварда медиҳам...

Пас аз як ҳафта боз ману устод Қурбониддин баргаштем. Баробари намудор шудани пости Саритош ёдам омад, ки ба сержанти хурдтарин Каракул мӯмиёи Файзобод ваъда карда будам.

Зуд ба ошхонаи сари роҳ даромада, баъди ним соат баромадам. Сержанти хурдтарин маро оғӯш гирифт. Мӯмиёи Файзободро тақдим кардам. Устод Қурбониддин ва ронанда аз тарс ё аз ҳайрат забонашонро қариб фурӯ баранд. Вақте мӯмиёи Файзободро ба Каракул додам, ӯ маро Брежневвор чалап-чалап бӯсида, то Кутали Оқариқ гусел кард...

Роҳамонро сӯи шаҳри Уш давом додем. Ман ҳар лаҳза ба қафо менигаристам. Устод Қурбониддин, ки акнун нафасаш баромада буд, пурсид:

- Устод, шумо мӯмиёи Файзободро аз куҷо пайдо кардед?

- Ба Уш расида нақл мекунам...

Баъди як ҳафта аз Уш баргаштем. Барои он, ки сержант Каракул маро набинад, дар автомашинаи ҳарбии Отряди сарҳадии Хоруғ пинҳон шудам. Дар гумрук сержант Каракул маро пурсид.

Устод Қурбониддин гуфтанд, ки маро ҳокими вилояти Уш барои табобати хушдоманаш банд карда, дертар бармегардам.

Каракул ба устод Қурбониддин нимтанаи гӯсфанд, ки қариб чил кило гӯшт дошт, додаву хоҳиш кардааст, ки ин туҳфаро ба ман расонад. Мӯмиёи Файзобод ӯро куллан сиҳат намуда ва боз чанд нафар маризҳои авулро табобат кардааст.

Аз шунидани нимтанаи гӯсфанд хурсандона аз бордони мошини ҳарбӣ баромадам. Сержант Каракул маро боз оғӯш кашида, хоҳиш кард, ки чор сар гӯсфанд медиҳад, агар мо зиёфати ӯро чашида гирем...

(Давомаш дар саҳ. 14)

ПУЛИ МАЙДА

Модар аз писар мепурсад:

- Ҳа писарам, дандонатро канда омадӣ?

Писар:

- Якбора дутояшро гирифта партофтанд.

Модар:

- Чӣ, боз як дандонат иллат доштааст-мӣ?

Писар:

- Не очаҷон, ташвиш нашаваед, дандонам соз буд, фақат духтур пули майда надошт, ки бақия диҳад.

ТАЪБИРИ ХОБ

Корманди бонк назди фолбин омада, мепурсад:

- Хоб дидам, ки картошка ҳастам. Таъбири хобам чист?

Фолбин мегӯяд:

- Туро ё баҳор мешинонанд ё тирамоҳ мебардоранд.

ХАФАГӢ

Духтаре аз дугонааш мепурсад:

- Зарина, барои чӣ ба шавҳар намебарой?

Зарина дар ҷавоб:

- Зани яктояш шавам, дигарҳояш хафа мешаванд.

ПОСУХ

Падар аз духтараш мепурсад:

- Духтарам, шавҳар мекунӣ ё мехонӣ?

Духтар дар ҷавоб:

- Падарҷон, ҳарчанд мехонам, чизе ба сарам намедарояд.

ДАРСИ ОЗОД

Аз суҳбати муаллим бо шогирд:

- Устод, ният дорам 1000 сол умр бинам.

Устод:

- Тезтар зан гир.

Шогирд:

- Фоида мекунад?

Устод:

- Не, аз ниятат мегардӣ.

ДУХТУР

Зан ба шавҳар:

- Мардакҷон, имрӯз ман назди духтур рафтам. Гуфт, ки ба Анталия, Малайзия ё Дубай равам ва дар назди баҳр истироҳат кунам. Мо ба кучо меравем?

Шавҳар бо қаҳр:

- Ба назди духтури дигар!

ДОРУ

Набера аз бибияш мепурсад:

- Аҷиб, барои харобшавӣ ягон намуди доруворӣ бошад?

Бибӣ:

- Ҳаст, лекин бехад калон.

Набера:

- Бигзор калон бошанд, муҳимаш барои хароб шудан мусоидат кунад.

Бибӣ:

- Мусоидат мекунад.

Набера:

- Чӣ ном дорад?

Бибӣ:

- Лӯлакабоб!

ПАШША

- Хомӯш!,- дод мегӯяд омӯзгор ба талабагон.- Чунон хомӯш бошед, ки ман парида-ни пашшаро фаҳмида тавонам!

Ҳама хомӯш мешаванд. Баъди лаҳзае Саид сабру тоқатро аз даст дода, пичиррос мезанад:

- Устод, шумо пашшаро кай сар медиҳед?

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

